**ТОҶӢ УСМОН**

# Бисту се адиба

**ДУШАНБЕ**
**«ЭҶОД»**
**2007**

ББК 84 тоҷик 7-4
У-73

*Мураттиб ва муаллифи сарсухан*
***Маҷид Салим***

***Тоҷӣ Усмон*. Бисту се адиба**. — Душанбе:
«Эҷод», 2007. -128 саҳ.

«Бисту се адиба» маҷмӯаи нависандаи соҳибзавқ ва зиндаёд Тоҷӣ Усмон аст, ки ҳанӯз соли 1957 ба табъ расидааст. Муаллиф нахустин маротиба дар ада-биётшиносӣ доири ҳаёти адабии шоираҳои тоҷик аз ибтидои асри X то асри XIX маълумотномаи пур-арзише пешниҳод намудааст.

«Бисту се адиба»-и Тоҷӣ Усмон ҳоло низ аҳа-мияти илмии худро гум накардааст ва пайваста мав-риди таваҷҷӯҳи муҳаққиқону адабиётшиносон қа-рор дорад. Аз ин рӯ нашри дуюми китоби «Бисту се ади-ба» тӯҳфаи хубест ба хонандагону ҳаводорони осо-ри Тоҷӣ Усмон.

**© Тоҷӣ Усмон, 2007.**

# СУХАНВАРИ АНДЕШАПАРВАР

***«Тоҷӣ Усмон ҳар он чизе, ки дар бисот дошт, яъне ҳамаи қувва, дониш, маҳорат ва ҳатто саломатии худ-ро бедарег ба кори халқ дод»***

***Мирзо Турсунзода***

***«Тоҷӣ Усмон барҳақ адиб ва муҳаққиқи пухтакору донандаи хуби фар-ҳангу адабиёт будааст. Ӯ ба мавзӯи дӯстдоштааш, ҳаёти илмию адабии шоираҳои тоҷик рӯякӣ муносибат накарда, балки бо диди амиқ, дар асоси сарчашмаҳои мӯътамади илмӣ, тазкираву таърихномаҳои қадимӣ осори адибаҳоро зери тадқиқоту омӯзиши чуқур қарор додааст».***

***Муҳаммадҷон Раҳимӣ.***

Тоҷӣ Усмон ба адабиёт ҳанӯз солҳои сиюми асри гузашта омад. Қалби орзупарвари ӯ дар такопу ва нақшаҳои нави эҷоди ҷӯш мезад. Тоҷӣ Усмон дар қатори Сотим Улуғзода, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалил, Ҳоҷӣ Содиқ, Муҳиддин Фарҳат ва дигар адибони ҷавон ба эҷоди нахустин очерку мақолаҳои илмӣ ва ҳикояҳо машғул буд.

Вале сарнавишту тақдири Тоҷӣ Усмон ба мисли зиндагии ҳамон давраи ҳамсолонаш танҳо ба адабиёт алоқаманд набуд, балки баробари қаламкашӣ ӯ дар сохтмони ҳаёти нав, эҳёи хоҷагиҳо ва мактабу маорифи Шӯравӣ иштироки фаъолона дошт. Мехост ҳаёти мардуми оддиро осудаву фаровон бинад. Аз ин рӯ ба сафи комсомол дохил шуда дар вазифаҳои гуногуни ҳизбӣ кор кард. Мазмуну мундариҷаи нахустин очерку ҳикояҳои вайро сохтмони ҳаёти Шӯравӣ дар Тоҷикистон, мубориза ба зидди босмачигарӣ, озодии занон ташкил медод. Аз ҳаёт ва роҳи тайкардаи Тоҷӣ Усмон мушоҳида мегардад, ки ӯ умри азизи хешро сарфи роҳи хидмат ба халқу Ватан намудааст. Вай охири солҳои сиюм ба иншои асарҳои адабӣ-илмӣ ба таври ҷиддӣ даст зада як силсила очерку мақолаҳои таърихие ба табъ расонд, ки аз ҷониби олимону муҳаққиқон хуб пазируфта шудаанд. Зиндагиномаи худи Тоҷӣ Усмон мисли қаҳрамонҳои асарҳояш нотамому ҷолиби таваҷҷӯҳанд, зеро ҳикояҳои нотамомаш ормониҳои дар нимароҳ мондаи ин адиби муборизро ба хотир меорад.

Тоҷӣ Усмон аз адибони маъруф ва донанда-гони адабиёти классикии тоҷик буда, 12 июли соли 1906 дар деҳаи Унҷии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд таваллуд шудааст. Соли 1933 Донишгоҳи Осиёмиёнагии ҳизби коммунистиро хатм кардааст. Ҳамон сол чанде дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») фаъолият намуд. Соли 1934 Тоҷӣ Усмон муҳарририи рӯзномаи «Бо роҳи Ленин»-и вилояти Ленинобод (ҳоло «Суғд»)-ро ба ӯҳда дошт.

Баъдан Тоҷӣ Усмонро боз ба корҳои давлатию ҳизбӣ даъват намуданд. Ӯ дар Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон, мудири шӯъбаи собиқ Шӯрои Вазирони Тоҷикистон ва дар Ҷумҳурии Эрон адои вазифа намудааст.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Тоҷӣ Ус-мон ба фронт рафта, дар матбуоти ҳарбӣ фаъолият намудааст. Баъди ҷанг ба идораи рӯзно-маи дӯстдоштааш «Тоҷикистони сурх» омад ва то соли 1953 ба ҳайси мудири шӯъба, ҷони-шини сармуҳаррир кор кард. Тоҷӣ Усмон то охири умраш котиби масъули маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» буд. Фаъолияти адабию рӯз-номанигории Тоҷӣ Усмон аз охири солҳои сиюм сар шудааст. Мавзӯи асосии эҷодиёти вай мубориза бар зидди босмачиён ва боқимондаҳои феодалӣ, барқарор гардидани ҳокимияти шӯравӣ дар Тоҷикистон, сохтмону эҳёи ҳаёти нав аст.

Тоҷӣ Усмон ба эҷоди ҳикоя ва қиссаҳои нисбатан калонҳаҷм асосан баъди ҷанг камари ҳиммат бастааст. Нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ «Кашфи асрор» соли 1958 бо фотиҳаи Сотим Улуғзода ба табъ расид. Ҳикояҳои китоб «Ҷаҳонгул ва Ҷаҳонафрӯз», «Баҳодур», «Ҳофиза», «Изи панҷаи хунин», «Чилдухтарон», «Насими бахт» характери тарҷумаҳолӣ доранд. Минбаъд китобҳои вай «Бисту се адиба» (1957), «Ганҷинаи шеъри тоҷикӣ» (1960), «Шоираҳои боистеъдод» (1962), «Шоира Маҳастӣ» (1963), «Мубораққадам» бо ҳаммуаллифии Ашӯрмуҳаммадов (1966), «Духтари ниқобдор» (1965), «Лаънаткардаи халқ» (1967) нашр шудаанд.

Тоҷӣ Усмон баробари эҷоди асарҳои насрӣ як силсила мақолаҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ таълиф кардааст.

Вай яке аз нахустин муҳаққиқоне буд, ки оиди рӯзгору эҷоди адибаҳои тоҷик соли 1957 асареро бо номи «Бисту се адиба» ба нашр расонд ва оид ба ҳаёти шоираҳои тоҷик аз асри X то асри XIX маълумоти пурарзише фароҳам овард. Тоҷӣ Усмон тадқиқотҳои илмияшро дар ин бахш идома дода «Бисту се адиба»-ро соли 1960 ба забони русӣ аз чоп баровардааст. Хидматҳои нависанда Тоҷӣ Усмон аз ҷониби халқу давлат эътироф ва қадршиносӣ шудаанд. Ӯ ба дарёфти медалҳои ҷангию меҳнатӣ, ифтихорномаҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мушарраф шудааст. Чанде пеш китоби хотираҳои Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалилро пайдо намудам. Ӯ дар бораи вохӯрӣ, мулоқотҳояш ҳамроҳи Тоҷӣ Ус-мон бо Абулқосим Лоҳутӣ ҳикоят мекард. Мо овардани пораҳои ин хотираро қарзи худ донис-тем:

«Тоҷӣ Усмон котиб интихоб мешавад?»- ғубори ранҷиш ва чеҳраи устод Лоҳутӣ бардошта мешуд.

Барои аз кораш дур намудани ин тип муноҷот ба даргоҳи қозиалҳоҷот, ки ба котибшавии Тоҷӣ Усмон мадад кунад.

Тоҷӣ Усмон аз шарм арақ кардаву суп-сурх шуда, аз банди дастам мекашид, ки давоми гапро нагӯям, вале ман идома додам:

Агар фариштаҳои раҳгузар омин гуфта бошанду Усмонов котиб шавад, чӣ айбу аҷаб?

Ба фариштаҳои роҳгузар ҳамроҳ шуда ман ҳам омин мегӯям. Шофир ҳам ки ба марди пок мемонд, метавонист даст бардорад, лекин дасти ӯ банд! Иҷозат диҳед, ки аз ҷониби шумо низ ман омин гӯям-Лоҳутии хандон ду бор даст ба рӯй кашид.

(Ғалатӣ) Тоҷӣ Усмон соли сиюҳафт котиби комитети партиявии шаҳри Ленинобод интихоб шуд)…

Ҳамин тавр, зиндагӣ, эҷоду фаъолияти Тоҷӣ Усмон рангину ҷолиб аст. Ва дар даврони Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотир овардани корномаи адиби зиндаёд Тоҷӣ Усмон ва нашри дуюми «Бисту се адибе» амалест хайру савоб.

***Маҷид Салим,***
***нависанда***

# АСРИ X

## ШОИРА РОБИАИ БАЛХӢ

Робиа яке аз шоираҳои пуриқтидори қадимтарини халқи тоҷику-форс мебошад. Аммо мисли як силсила шоираҳои дигар соли таваллуд, аҳволи иҷтимоӣ ва шароити зиндагонии ин шоира низ ба таври мукаммал маълум нест. Дар баъзе маъхазҳо Робиаро духтари Каъб номидаанд. Ин шоира ҳамасри устод Абулҳасан Рӯдакӣ ва соҳиби шеърҳои бисёри пурмазмун будааст. Аф-сӯс, ки дар натиҷаи носозгориҳои замонаш ва беэътиноиҳои ноқилони таърих, аз шеърҳои шоира, то замони мо, хеле кам боқӣ мондаанд.

Муаллифи «Тазкиратул-шуаро» (Давлатшоҳи Самарқандӣ), дар зикри шуаро шурӯъ намуда, чунин менависад:

«Ба рӯзгори Оли-Сомон шеъри форси равнақ ёфт ва устод Рӯдакӣ дар ин илм саромад буд, қабл аз ӯ шоире ки дар форсӣ соҳиби девон бошад, нашунидаам, пас воҷиб намуд, ки ибтидо аз устод Рӯдакӣ намоям».

Худи ҳамин санади таърихӣ, сарфи назар ва истилоҳи форс ё тоҷик, исбот менамояд, ки Абулҳасан Рӯдакӣ сардафтар ва асосгузори назми лафзӣ ва китобии халқи тоҷик мебошад. Бо чунин шоири бузург ҳамаср будан ва дар ҳамон давраи ибтидои адабиёти мо ҳаёт ба сар бурда, бо камоли суханварӣ шеърҳои дилпазир эҷод намудани Робиа ва то ба замони мо омада расидани баъзе аз шеърҳои вай, барои таърихи адабиёти мо аҳамияти бузург дорад.

Падари шоира Каъб ном дошт ва ӯро ҳокими шаҳри Балх буд мегӯянд. Робиа аз модар хеле хурдсол мемонад. Вақте ки духтарак акнун ба синни балоғат расида буд, падараш вафот мекунад. Бародари шоира Ҳорис ном дошт. Рӯзе Ҳорис дар боғи назди қаср базми хушгузаронӣ ташкил мекунад. Духтари ҷавон аз сабаби он, ки дар тахти чодар буд, ба базм иштирок карда наметавонад, вале аз бом баромада махфиёна тамошо мекунад. Вай мебинад, ки ҷавони зебое назди бародараш нишаста, гоҳ май мерезад, гоҳ рубоб менавозад ва гоҳ суруд мехонад. Ҳусну атвор ва хулқу рафтори ҷавон ба духтар хеле мақбул меояд ва ошиқи ӯ мегардад. Ин ҷавон ғуломи хос ва хазинадори Ҳорис буд. Робиа ба воситаи нома бо он ҷавон робита пайдо мекунад, вале ҳар ду наметавонанд издивоҷ кунанд. Бародари ҷоҳили вай розӣ намешуд, ки хоҳари худро ба ғуломи худ бидиҳад. Дар охир ишқи Робиа ба дараҷае мерасад, ки рози дилашро пинҳон дошта натавониста, ба устод Рӯдакӣ изҳор менамояд. Шоири бузург Рӯдакӣ, бо мақсади ба духтар ёрӣ расондан, вақти ба Бухоро бозгаштанаш, дар сӯҳбате ин хабарро ба подшоҳ мерасонад. Дар ин хусус шоири машҳур Фаридиддин Аттор (таърихи вафоташ соли 627 ҳиҷрӣ), чунин навиштааст:

*Ба роҳе Рӯдакӣ мерафт як рӯз,*
*Нашаста буд он духтар дилафрӯз.*
*Агар бинӣ чу оби зар бигуфтӣ,*
*Басе духтар, аз он беҳтар кӣ гуфтӣ?*
*Басе ашъор гуфт он рӯз устод,*
*Ки он духтар муҷоботаш фиристод.*
*Ба лутфи табъ он дилдор дамсоз,*
*Зи маҳрумӣ ба ҷони хеш шаҳбоз,*
*Чу хондаш духтар аз тӯмори дил роз,*
*Тааҷҷуб кард он ҷо Рӯдакӣ боз.*
*Зи ишқи он суманбар гашт огоҳ,*
*Ниҳод он гаҳ аз он ҷо пой дар роҳ,*
*Чу шуд бар Рӯдакӣ роз ошкоро,*
*Аз он ҷо гашт бар шаҳри Бухоро,*
*Ба хизмат шуд давон то сӯҳбати шоҳ,*
*Ки Ҳорисро мадад орад аз он гоҳ.*
*Расида буд назди шоҳи олӣ,*
*Барои узр Ҳорис низ ҳолӣ.*
*Яке шоҳона ҷашне буд он рӯз,*
*Чӣ мегӯям, бихиште пур дилафрӯз.*
*Магар аз Рӯдакӣ шаҳ шеър дархост,*
*Забон бикшод он устод бархост,*
*Ки будаш ёд шеъри духтари Каъб,*
*Ҳама бархонду маҷлис гарм шуд саъб.*
*Шаҳаш гуфто: «Бигӯ бо ин ки гуфтат,*
*Ки марворидро монад, ки суфтат?!»*
*Зи Ҳорис Рӯдакӣ кай буд огоҳ,*
*Чу сармасте забон бикшод ногоҳ.*
*Заминро бӯса доду гуфт он гоҳ,*
*Ки: «Шеъри духтари Каъб аст, эй шоҳ!*
*Ба сад дил ошиқ аст ӯ бар ғуломе,*
*Дар уфтодаст чун мурге ба доме.*
*Замоне хӯрдану хуфтан надорад,*
*Баҷуз байту ғазал гуфтан надорад.*

*Агар сад шеър гӯяд пурмаонӣ,*
*Бари ӯ мефиристад дар ниҳонӣ.*
*Агар ишқеш чун оташ набудӣ,*
*Аз ӯ худ шеър гуфтан хуш набудӣ...»*
*Чу Ҳорис ин сухан бишниду пас гашт,*
*Валекин аз сабуи қаҳр буд маст.*
*Чу алқисса ба шаҳри хеш шуд боз,*
*Зи хоҳар дар ниҳон медошт он роз.*
*Вале аз гусса мечӯшид ҷонаш,*
*Нигаҳ медошт пинҳон аз касонаш,*
*Ки то бар вай фурӯ гирад гуноҳе,*
*Бирезад хуни вай бар ҷойгоҳе...*
*Дар аввал он гуломи хосро шоҳ,*
*Ба банд андарфиканду кард дар чоҳ.*
*Дар охир гуфт то як хона-ҳаммом*
*Битобанд аз пайи он сим-андом...*

Ҳаммомро монанди мис метафсонанд, чунон буғ ва ҳарораташ тобнок мешавад, ки одам ба он тоб оварда натавонад ва охир ба ҳалокат расад Робиаро дар он Ҳаммом ҳабс мекунанд, ҳамаи дарҳояшро сахт мебанданд. Шоира мебинад, ки ғайр аз ҳалокаташ роҳи дигаре нест. Он гоҳ вай сарангушти худро бо дандон газида хуншор мекунад ва ба ҳамаи деворҳои ҳаммом бо хуни худ шеър менависад.

*Сари ангушт бар хун мезад он моҳ,*
*Басе ашъори худ бинвишт он гоҳ.*
*Зи хуни худ ҳама девор бинвишт,*
*Чу дар гармоба деворе намондаш,*
*Зи хун ҳам низ бисёре намондаш,*
*Ҳама девор пурхун кард з-ашъор,*
*Фурӯ афтод чун якбора девор.*
*Миёни ишқу хуну оташу ашк*
*Баромад ҷони ширинаш ба сад рашк.*
*Чу бикшоданд гармоба дигар рӯз,*
*Чӣ гӯям ман, ки чун буд он дилафрӯз.*
*Чу шохи заъфарон аз пой то фарқ,*
*Вале аз пой то фарқаш ба хун гарқ.*
*Ба ойин бурда онгаҳ гусл доданд,*
*Ба андӯҳ бурда дар хокаш ниҳоданд.*
*Нигаҳ карданд бар девор он рӯз,*
*Навишта буд ин шеъри ҷигарсӯз:*

* * *

*«Нигоро, бе ту чашмам чашмасор аст,*
*Ҳама рӯям зи хуни дил нигор аст.*
*Зи миҷгонам ба селобам супурдӣ,*
*Ғалат кардам, ҳама обам бибурдӣ.*
*Чу дар дил омадӣ, берун наёйӣ,*
*Ғалат кардам, ки ту дар хун наёйи,*
*Чу аз ду чашми ман ду ҷӯӣ додӣ,*
*Ба гармоба маро саршӯй додӣ.*
*Манам чун моҳии пуртоба охир,*
*Намеойӣ ба-дин гармоба охир!*
*Насиби ошиқ ин омад зи даргоҳ,*
*Ки дар дӯзах кунандаш зинда ногоҳ,*
*Ки то дар дӯзах асроре, ки дорад,*
*Миёни оташу хун ме-бикорад.*
*Ту кай донӣ, ки чун бояд нишастан,*
*Чунин қисса ба хун бояд навиштан!..*
*Сипаҳ дорад ҷаҳони ишқ акнун,*
*Яке оташ, яке ашку дигар хун.*
*Кунун ман бар сари оташ аз онам,*
*Ки гаҳ хун резаму гаҳ ашк ронам.*
*Бар оташ хостам ҷонам, ки сӯзам,*
*Чу дар ҷонӣ ту, натвонам, ки сӯзам!*

*Ба ашкам пойи ҷононам бишӯям,*
*Ба хунам даст аз ҷонам бишӯям.*
*Ба-дин оташ, ки аз ҷон мефурӯзам,*
*Ҳама ҷонони оламро бисӯзам.*
*Аз ин ашкам, ки тӯфонест хунбор,*
*Диҳам таълим боронро, ки: хун бор!*
*Ҳама он киначӯёнро бишӯям,*
*Ҳама ношустарӯёнро бишӯям.*
*Аз ин хун гар шавад ин роҳ бозам,*
*Ҳама ушшоқро гулгуна созам.*
*Аз ин хунам, ки дарёест гӯйӣ,*
*Дар-омӯзам шафақро сурхрӯйӣ.*
*Аз ин оташ чунон дорам забона,*
*Ки дӯзах хоста аз ман забона...*
*Ба-ҷуз нақши хаёли дилфурӯзам,*
*Ба-дин оташ ҳама нақше бисӯзам.*
*Аз ин гарде бувад он нозанинро,*
*Зи ашкам об барбандам заминро...*
*Кунун дар оташу дар ашку дар хун*
*Бирафтам з-ин ҷаҳон пурдард берун.*
*Маро бе ту саромад зиндагонӣ,*
*Манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ!»*

Пас аз чанд муддате, ҳамон ғуломи соҳибҷамол аз банд халос шуда мебарояд. Ӯ ба қаср рафта Ҳорисро мекушад ва баъд аз он ба сари қабри Робиа рафта худро бо ханҷар зада ҳалок мекунад.

Боз баъзе намунаҳо аз шеърҳои ин шоираи ҳассос меоварем:

### РОҶЕЪ БА ИШҚ

*Ишқро ҳаргиз наёвардам ба банд,*
*Кӯшиши бисёр н-омад судманд.*
*Ишқ – дарёи карона-нопадид,*
*Кай тавон кардан шитоб, эй мустаманд!*
*Ишқро хоҳӣ ки то поён барӣ,*
*Бас ки бипсандид бояд нописанд;*
*Зишт бояд диду ангорид хуб,*
*Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд,*
*Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,*
*К-аз кашидан тангтар гардад каманд.*

### ДАР ВАСФИ ШӮХИҲОИ БОДИ БАҲОР

*Фишонд аз савсану гул симу зар бод,*
*Зиҳӣ боде, ки раҳмат бод бар бод!*
*Бидод аз нақши озар сад нишон об,*
*Намуд аз сеҳри Монӣ сад асар бод.*
*Мисоли чашми одам шуд магар абр,*
*Далели лутфи Исо шуд магар бод,*
*Ки дурр борид ҳар дам дар чаман абр,*
*Ки ҷон афзун хуш-хуш дар шаҷар бод.*
*Агар девона абр омад, чаро, пас,*
*Кунад арза сабӯҳӣ ҷоми зар бод?!*
*Гули хушбӯй, тарсам, оварад ранг,*
*Аз ин гаммози субҳи пардадар бод!*
*Барои чашми ҳар ноаҳл гӯӣ*
*Арӯси богро шуд ҷилвагар бод!*
*Аҷаб, чун субҳ хуштар мебарад хоб,*
*Чаро афканд гулро дар саҳар бод?!*

### ДАР ВАСФИ ГУЛ ВА БАҲОР

*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,*
*Чаман ранги аржанг моно, гирифт.*
*Сабо нофаи мушки Тиббит надошт,*
*Ҷаҳон бӯи мушк аз чи маъно гирифт?*
*Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,*
*Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт?!*
*Ба май монад андар ақиқин-қадаҳ*
*Сиришке ки дар лола маъво гирифт.*
*Қадаҳ гир чандеву дунё магир,*
*Ки бадбахт шуд он, ки дунё гирифт!*
*Сари наргиси тоза аз зарру сим*
*Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.*
*Чу руҳбон шуд андар либоси кабуд,*
*Бунафша магар дини тарсо гирифт?*

# асри
# XI

## ШОИРА ИСМАТИИ САМАРҚАНДӢ

Давраи зиндагии шоира Исматиро дар асри XI тахмин мекунанд ва сифат менамоянд, ки вай яке аз занони фозила ва равшанфикр ва бозарофати Самарқанд будааст. Номи ин шоира, соли тавал-лудаш ва вафоташ ва авлоду аҷдодонаш дар ягон тазкира қайд нагардидааст.

Дар баробари ҳамин, мӯҷиби афсӯс аст, ин ки намунаҳои шеърҳои Исматӣ хеле кам дарҷ ёфта-анд. Барои хамин, мо ду байт шеъри ин шоираро ҳамчун ёдгори пурбаҳо аз эҷодиёти вай дар зайл мисол меоварем:

*То фикандаст маро бахти бад аз ёр ҷудо,*
*Ғам ҷудо мекушадам, чархи ситамгор ҷудо.*

* * *

*Аз пошикастагон талаби Каъба мушкил аст,*
*Он Каъбае, ки даст диҳад – Каъбаи дил аст!*

## ШОИРА ОЙИШАИ САМАРҚАНДӢ

Оид ба ин шоираи бомаҳорат ва ҳазинаво, дар «Оташкадаи Озар» навишта шудааст, ки вай аз аҳолии Самарқанд будааст. Аз маъхазҳои дигар низ, ки ба мо дастрас буданд, таърихи таваллуд ва вафоташ, инчунин ному нишоне аз авлоду аҷдодонаш маълум нагардид. Аз осори вай фақат ин ду рубоии зерин ба назар омад:

*Ашке, ки зи чашми ман ба рӯ ғалтидаст,*
*Дар гӯш кашидаӣ, ки марворид аст;*
*Аз гӯш бурун ор, ки бадномии туст,*
*К-онро ба рухам тамоми олам дидаст!*

* * *

*Бо ман чу шаби васли ту бикшояд роз,*

*Ногоҳиям аз шом кунад субҳ огоз.*
*Бо ин ҳама, гар иваз кунандам, надиҳам*
*Кӯтоҳшабе аз он, ба сад умри дароз.*

# асри
# XII

## ШОИРА МӮНИСА МАҲАСТИИ ХУҶАНДӢ

*«Бари ӯ дид соқиро нишаста,*
*Маҳастӣ дил бар он маҳрӯй баста,*
*Ҳаме бинвохтӣ аз ишқ руде,*
*Ҳамехондӣ ба ҳоли худ суруде»*

***(Фаридиддин Аттор).***

*«Кор аз лаби хушку дидаи тар бигузашт,*
*Тири гами ӯ зи ҷону дил бар бигузашт.*
*Обем тунук намуд, пас, оташи ишқ,*
*То бигзарамаш, фигон ки аз сар бигузашт!»*

***(Маҳастӣ).***

Дар ҳақиқат, шоира Маҳастӣ аз ҷумлаи он шоираҳои забардаст ва баландмартабае мебошад, ки дар рубоинависӣ монандашро таърих кам дидааст.

Муаллифи китоби «Хайротул-ҳисон» Эъти-модул-салтана, дар бораи Маҳастӣ чунин менависад:

«Аз байни заноне ки дар забони форсӣ шеър гуфтаанд, ҳеҷ кадоме аз онҳо дар зебоии сухан ва хуштабъӣ ба Маҳастӣ баробар шуда наметавонанд ва метавон вайро яке аз устодони бузурги шеър ҳисоб кард».

Падари Маҳастӣ яке аз фақеҳони (қоида ва ҳуқуқшиноси) шаҳри Хуҷанд будааст. Ӯ, духтараш Мӯнисаро, ҳатто то синни пешазмактабӣ, ба мактаб фиристода, ба вай хату савод ва илми одоб омӯзонидааст. Чуноне ки шарҳдиҳандагон баён мекунанд: Мӯнисаи ҷавон соҳиби зеҳни баланд буда, баъд аз якчанд соли таҳсил дар мактаби ибтидоӣ, ҳамаи дарсҳои худро аз ёд медонистагӣ ва нисбат ба ҳамаи шарикдарсони худ пешқадам мешавад. Илова бар ин, Мӯниса соҳиби овози дилошӯбе буда ва ба хондани сурудҳо рағбати тамоме доштааст. Падари вай шахси зирак буда, чунин истеъдод ва хаваси духтарашро зуд дарк менамояд ва мехоҳад ба ин ҷиҳати заковати вай инкишоф диҳад. Падари Мӯниса, маълум мешавад. ки шахси дӯстдори санъати мусиқӣ ва ракс ва дӯстдори назму сурудҳои дилпазир буда, бешубҳа, бояд бо ҳамин сабаб бошад, аз таъсири одамони қафомонда рӯҳ ва ҳисси худро раҳо карда, ҳамсафи одамони пешқадами замони худ будааст. Аз ин сабаб ӯ ба лаёқати фарзандаш аҳамият дода, омӯзиши мактабии вайро давом дода, илова бар он, чанде аз устодони моҳири мусиқӣ ва рақсро низ ба манзили худ даъват намуда, хоҳиш менамояд, ки ин санъати наҷибро ба духтари ӯ таълим диҳанд. Мӯниса бошад, чуноне ки падараш чашми интизор дошт, дар як муддати зарурӣ санъати мусиқӣ, ҳофизӣ ва рақсро ба дараҷаи олӣ аз худ менамояд. Бил-охир Мӯниса (Маҳастӣ) ҳамаи 12 боб ва 24 шаъбаи мусиқиро ба ҳадди ҳайратангез хуб меомӯзад. Хусусан ба навохтани чанг ва уд мумтоз мешавад. Ҳамаи навъҳои рақсҳои мафтункунандаро ба дараҷаи аъло аз худ менамояд. Ҳанӯз дар ҳамин давраҳо, дар натиҷаи монданашуда омӯхтан ва заковати табиӣ ба Мӯниса табъи шеър пайдо мешавад. Аз он ҷо, ки табъи баланди вай дар назм, чуноне, ки моҳи дар байни ситорагон шаб-афрӯз, дар байни шоирон ва аҳли адабиёти Ху-ҷанди он давра зоҳир мешавад, вай ҳанӯз то синни бистсолагии худ сазовори тахаллуси «Ма-ҳастӣ» гарлида буд. Сабаби ин дар он ҷост, ки вайро ҳамаи аҳли санъат ва суханшиносони пешқадами ватанаш, дар баробари ҳар дафъа дидани ҷамолаш «Мӯниси моҳ ҳаст» мегуфтанд, дар баробари дидани рақсҳояш ва шунидани рубои-ҳое аз ҷиҳати эҳсосот баландпарвозаш: «Ту моҳ ҳастӣ!» мегуфтанд.

Аз тарафи дигар, овози санъати ин мутриба ва шоираи ҷавон ба воситаи аҳли диёраш, ба аҳолии ҳамсоядиёрон ва аз он ба мамлакатҳои дуртар, ба як қисми мамлакатҳои Шарқи онзамонӣ интишор ёфтан мегирад. Дар ҳаққи вай, сифати неке то замони мо омадааст, ки чунин аст: «Вақте ки Маҳастӣ ба синни бистсолагӣ мерасад, на дар ҳусну зебоӣ ва на дар маҳорати санъат ҳеҷ кас ба вай баробар набуд. Вай на фақат дар Ху-ҷанд, балки дар тамоми Мовароуннаҳр, Марв ва кишварҳои дигар шӯҳрат пайдо кард. Маҳастӣ чунон хушовоз буд, ки дар вақти сурудхонӣ бул-булони «ҳазордостонро» лол менамуд...» ва ҳо-казо.

Маҳастӣ аз ҷиҳати равонии табъ, эҷоди ғазалҳо ва рубоиҳои дилпазир ва латиф низ дар умри худ хеле овоза пайдо кардааст. Бесабаб нест, ки шоирони ҳамзамонаш дар ҳаққи ӯ «рубоӣ гуфтан ба Маҳастӣ хатм шудааст» гуфтаанд.

Падари бомаърифати ин шоира бемаҳал вафот мекунад. Ба Маҳастӣ ва ба модари танҳомонда ва азоби мотамкашидаи вай шароити зиндагӣ сермашаққат мешавад. Маҳастӣ, бил-охир модарашро бо худ гирифта, аз шаҳри Хуҷанд ба шаҳри Ганҷа сафар намуда ва дар он ҷо манзили истиқомат ихтиёр мекунад.

Маҳастӣ дар байни аҳолии Ганҷа низ бо заковати баланд ва санъати мусиқинавозии худ, дар як муддати кӯтоҳ шӯҳрат пайдо мекунад. Шоирон ва мусиқинавозони пешқадам, ҳатто аъёвони мамлакат ба зиёрати вай меомадаанд. Ин сафари Маҳастӣ дар давраи подшоҳии султон Маҳмуд бинни Муҳаммад, бинни Мулук-шоҳ воқеъ гардидааст. Он вақтҳо султон Маҳмуди мазкур аз тарафи султон Санҷар ба вазифаи ноибсалтанатии Озарбойҷону Ироқ таъин шуда, дар Ганҷа сукунат доштааст. Сифатҳои неки шоирӣ, маҳорати ҳозирҷавобӣ, санъати мутрибагӣ ва хушовозии Маҳастиро ноибсалтанати мазкур мешунавад. Дар натиҷа, рӯзе якчанд нафар аз ходимони дарбор ба кулбаи Маҳастӣ омада, вай-ро маҷбуран ба дарбор мебаранд.

Аз як намунаи шеъри Маҳастӣ, ки дар зайл мисол меоварем, вай ба ноибсалтанати мазкур сари итоат хам накардааст:

*«Аз ман тамаи висол дорӣ*
*Алҳақ ҳаваси маҳол дорӣ.*
*Васлам натавон ба хоб дидан,*
*Ин чист, ки дар хаёл дорӣ?!..*

Аз худи як ҳамин рубоии зерин ҳам дидан мумкин аст, ки Маҳастӣ тамоми азобу уқубати рӯҳии худро ифода кардааст:

*«Қассоб, чунон ки одати ӯст, маро*
*Афканду бикушту гуфт: «Ин хӯст маро!»*
*Сар боз ба қадр мениҳад бар поям,*
*Дам медамадам, то бикашад пӯст маро».*

Дар натиҷаи (чуноне ки зикраш дар фавқ рафт) сари итоат хам накарданаш, ин шоираи боисмат, на танҳо аз дарбор, балки ҳатто аз шаҳри Ганҷа низ бадарға карда мешавад.

Маҳастӣ аз Ганҷа баромада, бо роҳи Қаробоғ ба Занҷон (Эрон) ва аз он ҷо ба Хуросон меравад. Аммо дар он ҷо низ ба вай зиндагӣ номумкин мегардад. Маҳастӣ, баъд аз он, бо мақсади ба ватани худ Хуҷанд баргаштан, аз Машҳад ба тарафи шаҳри Балх равона мешавад. Пеш аз ворид шуданаш ба шаҳри Балк «Маҳастӣ – шои-раи Хуҷандӣ омадааст!» гуфта, ҳамаи аҳолии шаҳр ба кӯчаҳо баромада, шоираро бо тантанаи бузург ва эҳтиром истиқбол менамоянд. Аз шаҳр ва атрофи он, шоирон ва аҳли фазл, мутрибон ва мусиқидӯстон, хулоса ҳамаи равшанфикрон ба зиёрати Маҳастӣ меоянд.

Маҳастӣ дар бораи ҳайати шуарои машҳури Марв бо адибони Балх сӯҳбат менамояд, чунки он вақтҳо дар Марв шоирони шӯҳратёфта Умар Хайём, Адиб Собир, Рашиддин Ватвот, Ҷабалӣ, Фарид Котиб, Анварӣ, Ховарӣ, Мулук Имоди Зузнӣ, Сайид-Ҳасани Ғазнавӣ ва чанде шоирони дигар ҳаёт ба сар мебурданд. Маҳастӣ, ки аз тахти дил дӯстдори адабиёт буд, нametавонист аз файзи сӯҳбат ва аз зиёрати он шоирони бузург маҳрум монад. Маҳастӣ роҳи худро дигар кард, аз Балх ба тарафи Марв равона шуд. Дар он вақт Марв яке аз шаҳрҳои калонтарини Осиёи Миёна буда ва пойтахти султон Санҷари Салҷуқӣ буд. Маҳастиро дар ин ҷо низ хеле бо хушӣ истиқбол намуданд ва дере нагузашта, ба дарбори шоҳ даъват гардид.

Аз рӯи тасдиқоти маъхазҳо, султон Санҷар ба шоири бузург Умар Хайём хеле эътиқод ва ҳурмати бузург доштааст, бо мурури вақт ба Маҳастӣ низ дар баробари Умар Хайём изҳори таҳсин ва ҳурмат мекардагӣ шуда, дар сӯҳбатҳои шоҳона, наздик ба худ аз паҳлуи Умар Хайём ҷо медодааст. Шоирон ва мунаққидони ҳамон давра чунин нишон додаанд, ки Маҳастӣ дар рубоинависӣ борҳо аз Умар Хайём суханҳо бо баҳои баланд ва таҳсинҳо шунидааст. Дар сӯҳбатҳои адабӣ Умар Хайём, шахсан, ба Маҳастӣ ва ба фазилати вай эҳтироми махсусе изҳор мекардааст.

Давлатшоҳи Самарқандӣ, дар китоби таъри-хии худ, Маҳастиро дар сафи шоирони дарбор, шоираи забардаст, дабира ва зарифаи рӯзгор ва надимаи сӯҳбатороӣ султон Санҷар буд, мегӯяд.

Муҳаммад-Алӣ Муллозодаи Ганҷавӣ, дар тазкираи дастнависи худ нишон медиҳад, ки «...шоира Маҳастӣ аз аҳли Хуҷанд буда, дар синни бистсолагиаш аз он ҷо ба шаҳри Ганҷа ома-дааст ва баъд аз муддате боз ба Туркистон бар-гаштааст».

Дар бораи он, ки дар Осиёи Миёна, дар давоми асрхо шоираҳо низ хеле зиёд будаанд, ҷои шубҳа нест. Афсӯс, ки таърихнависон, дар гузаш-та, аз рӯи урфу шариат рафтор карда, дар китобҳои худ, дар бораи шоираҳое, ки дар киш-варҳои мо таваллуд ва тарбия ёфтаанд, хеле кам навиштаанд ва аз онҳо ягон-ягон нафареро ёдовард намуда, аз аксари кулли онҳо беэъти-ноёна чашм пӯшидаанд.

Дар бораи шоирони мард, таърихнависон бо навиштани садҳо номҳо ва намунаҳои каму беши эҷодиёти онҳо, ба мурури замонҳо иктифо намудаанд: ҳоли онҳоро хеле ихтисор намудаанд, шои-рони бисёреро ҳам, ки лозим буд, ёдоварӣ кунанд, маълум нест бо кадом сабабҳо, ба ҳар ҳол ёдоварӣ накардаанд. Нафаҳмидан мумкин нест, ки дар силсилаи он шоирон, шоираҳо низ хеле бисёр будаанд, вале баъзе аз онҳоро (дар ҳар аср як нафар ё дар якчанд аср як нафар) он ҳам бошад саризабонӣ, яъне хеле номукаммал тасвир намудаанд. Нафаҳмидан мумкин нест, ки занон дар муҳити асрҳо, аъзои ҷамъияти ҳа-маи он асрҳо буданд, ҳаёти иҷтимоии он асрҳо магар барои занон бетаъсир буд?!

Худи муҳити иҷтимоӣ аз сафҳои занон низ бисёрҳо занони бо заковат ва соҳибасарро пешбарӣ менамуд, аммо зулмати таассубҳо ва тафрикадиҳии хурофӣ онҳоро аз равшании рӯзҳои замонҳои ояндаи мутараққӣ пинҳон медошт. Дар мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ (хусусан дар Туркистони собиқ) махфӣ доштани номи занҳо таассуби одат шудаи хеле ҳузновар буд! Ин ҷиҳати бохти таърихҳоро, дигар ба бурд табдил додан сарфи хеле бузурги вақт ва меҳнатро талаб мекунад. Маҳастӣ низ дар он ҷумла кам омӯхта шуда, аз асли нусхаи эҷодиёти бузурги вай, аз китобе ба китобе, хеле кам мисол оварда шудааст.

Ихтилофи тасдиқоти таърихнависони мамла-катҳои гуногун, бинназар, мувофиқ ба набзи замони худашон, гӯё бе сабабе набудааст!

Баъзе таърихнависон «Маҳастӣ дар шаҳри Ганҷа шӯҳрат пайдо кардааст ва ганҷавист» мегӯянд. Баъзе дигар «Маҳастӣ бадахшист» мегӯянд. Онҳо дар бораи хуҷандӣ будани Ма-ҳастӣ тағофул мекунанд. Маъхазе низ ҳаст, ки «Маҳастӣ нишопурӣ аст» мегӯяд. Албатта, ин ифтихори халқи тоҷик аст, ки Маҳастиро дар замонҳои гузашта, халқҳои чанде аз мамлакатҳо, аз дӯст доштани заковат ва маҳорати вай, ҷаҳд намудаанд, ки аз они худ шуморанд. Дар ҳақи-қат, Маҳастии Хуҷандӣ, дар асри XII-ӯм дар мамлакатҳое, ки саёҳат ва зиндагонӣ кардааст, бо қувваи дониш ва санъати худ обрӯ ва эҳтироми бузург пайдо кардааст.

Маҳастӣ яке аз он занони наҷибаи озодидӯст буд, ки ҳанӯз дар асри XII-ӯм, бар зидди мазлумӣ ва беҳуқуқии занони Шарқ баромад кардааст. Вай аз нобаробарии ҳуқуқи мардон ва занон тамоман норозӣ буда, дар яке аз рубоиҳои худ ҳи-ҷоби сару тани занонро – пардаи асорат; хонаи аз назар пинҳон нишастаи занонро – ба зиндон ташбеҳ намудааст. Бо рубоии дигар, Маҳастӣ, аз занҷири зулму асорат ва канизӣ раҳо ёфтани занон боварӣ доштани худро ифода намудааст. Вай аз номи занони ҷавон эълон мекунад:

*«Моро ба дами тир нигаҳ натвон дошт,*
*Дар хонаи дилгир нигаҳ натвон дошт.*
*Онро, ки сари зулф чу занҷир бувад, –*
*Дар хона ба занҷир нигаҳ натвон дошт!»*

## ОИД БА НОМ ВА ТАХАЛЛУСИ МАҲАСТӢ

Номи Маҳастиро ду-се тавр маънидод карда-анд. Баъзе мегӯянд, ки «маҳ» дар алифбои арабӣ, бо забари мухаффаф, маънои «моҳ»-ро дорад, бинобар ин тахаллуси шоира маънои «маҳ» ҳастӣ, яъне «моҳ» ҳастиро дорад.

Баъзе мегӯянд: «маҳ» бо аломати китобат – «зер» хонда шуда, маънои калон (аз ҷиҳати мар-таба) ва бузургро дорад. Бинобар он, маънои: «зани бузургмартаба» ё «зани олӣ-кадр ҳастӣ»-ро дорад.

Дар китоби «Намунаи адабиёти Эрон»-и наш-ри Озарбойҷон, Маҳастиро бо номи «Му-нийяча-хонум» сифат кардаанд. Фаридиддин Ат-тор, дар асари худ «Илоҳӣ-нома», Маҳастиро, лутфан, бо номи «Мӯнисахонум» ёдоварӣ менамояд.

Аҳли Хуҷанд номи Маҳастиро «Мӯниса» ва тахаллусашро «Маҳастӣ» зикр кардаанд, ин бо тасдиқоти Фаридиддин Аттор низ баробар меояд. Мо илова ба он, ки дар фавқ баён намудем, боз ду рубоии Фаридиддин Атторро дар зайл далел меоварем:

*«...Дабира он Маҳастӣ-покгавҳар.*
*Муқарраб буд пеши тахти Санҷар.*
*Агарчи рӯи ӯ будӣ на чун моҳ.*
*Валекин дошт пайванди шаҳаншоҳ».*

Ё ин ки:

*«...Бари ӯ дид соқиро нашаста,*
*Маҳастӣ дил бар он маҳрӯй баста,*
*Ҳаме бинвохтӣ аз ишқ руде,*
*Ҳамехондӣ ба ҳоли худ суруде!»*

***(Фаридиддин Аттор).***

Нависандаи китоби «Хайротул-ҳисон» (Эъ-тимодул-салтана) ба хоксории шоира баҳои мах-сус дода, менависад, ки: «Султон-Санҷар Меҳ-ситтиро барои ақлу адаб ва дониши вай бисёр эҳтиром менамудааст. Рӯзе султон роҷеъ ба умуроти мамлакатдорӣ бо вай маслиҳате мекунад. Шоира бо вуҷуди он, ки маслиҳати хуб ва оқилона медиҳад «ман аз канизони кеҳи султон ҳастам» (яъне, аз канизони поёндараҷаи султон ҳастам) мегӯяд. Султон аз маслиҳати оқилона ва соҳибтадбиронаи дабира ва шоира ва аз сухани хоксоронаи вай хурсанд шуда мегӯяд: «Ту кеҳ не, балки меҳ ҳастӣ!» (Яъне шахси бузург ҳастӣ). Сипас, шоҳ барои ба шоира тахаллуси «Меҳ-ситӣ» додан фармони расмӣ медиҳад».

Аз ҳамаи ин мисолҳо маълум мешавад, ки ба шоира Мӯниса Маҳастӣ се тахаллус ва чаҳор ном-ро мансуб кардаанд. Тахаллусҳо: Маҳастӣ; Ме-ҳастӣ ва Меҳ-ситтӣ. Номҳо: Мӯниса; Мӯнисча; Мунийяча ва Меҳситтӣ-хонум.

Акнун шарҳу баён – роҷеъ ба тахаллусҳои ин шоира барои он, ки кадоме аз онҳо дуруст ё нодуруст, он қадар ҳам зарурият надорад. Дар ин бора ба мисраъҳои якӯм ва саввӯми рубоии якӯм ва ба мисраи дуйӯми рубоии дуйӯми Фаридиддин Аттор бояд муроҷиат намуд. Фа-ридиддин ҳостааст тахаллуси аслии ин шоираро бо қонунҳои раднашавандаи ташбеҳот ба таври абадӣ муҳофизат намояд. «Маҳастӣ дил бар он маҳрӯй баста»; «Дабира он

Маҳастӣ-пок-гавҳар...»; «Агар чи рӯи ӯ будӣ на чун моҳ...» (дар ин мисраи охирин, маъниро бояд чунин фаҳмид, ки Аттор мехоҳад гӯяд: «рӯи ӯ на чун моҳ, яъне аз моҳ ҳам олитар ва соҳибҷамолтар буд!»).

Фаридиддин Аттор тасдиқоти халқи ҳамватани шоираро дар бораи дурустии тахаллуси вай, бо ду рубоии худ, ба ҳадди раднашаванда ҷовидонӣ намудааст.

Дар хусуси ин ки номи Маҳастӣ гӯё «Мӯнийяча» будааст, чуноне ки дар фавқ зикр ёфт, ин номро Эътимодул-салтана дар таълифи худ, китоби «Хайротул-ҳисон» баён кардааст, бояд шарҳ диҳем, ки «Мунийя» маънои луғавии орзу ва умеди олиро дорад ва худ аз худ мафҳум аст, ки ин исми аслии шоира нест, балки исми сифати маҷозиест, ки дар ҳолати ваҷд, мумкин буд дар маҷлисе, ба унвони шоира ва мутрибаи мафтункунанда, аз тарафи касе эълон карда шуда бошад. Аз эҳтимол низ дур нест, ки чунин исми маҷозиро таърихнависе дар таълифи таърихии худ қайд накарда наметавонист. Ба ҳар ҳол ин ҳам исми хоси Мӯниса набуд.

Дар хусуси он, ки номи Мӯниса гӯё «Меҳ-сит-тӣ» будааст, нақлеро, ки Эътимодул-салтана дар «Хайротул-ҳисон» меорад, дар назар надоштан мумкин нест (накли мазкур дар фавқ дарҷ ёфт). Бояд чунон як ҳолатеро бо диққат мулоҳиза намуд: дар сӯҳбате роҷеъ ба умуроти кордории султон, дар вақти маслиҳати дуруст пурсидани султон, шоира чунон маслиҳати оқилонае дода тавонистааст, ки бо он хайри кори ҳамон вазъият-ро муайян кардааст. Пас аз он, ки шоҳ ба чунон маслиҳати вай изҳори хурсандӣ менамояд, шоира ҷавобан: «Ман аз канизони кеҳи султон ҳастам» мегӯяд. Султон ба чунон хоксории Мӯнисаи оқила ва соҳибтадбир ҷавобан: «Ту кеҳ не, балки меҳ ҳастӣ» мегӯяд, барои ба шоира номи «Меҳ-ситтӣ» додан фармон медиҳад.

Маълум аст, ки «кеҳ» маънои хурд ва «меҳ» маънои бузургро дорад. Ситтӣ – маънои хонум ва ё соҳибаро дорад. Худ аз худ фаҳмост, ки шоҳ дар ҳолати ваҷд «Ту хонуми бузургсифат ҳастӣ» гуфтааст. Ин, албатта, аз камоли эҳтиром будааст. Чунин лақаб ва ё сифат додан, ин ҳа-нӯз ном ё тахаллуси шоираро рад кардан нест. Мӯҷиби он ҳам нест тасдиқ карда шавад, ки номи Мӯниса аз аввал «Ситтӣ» (яъне соҳибаи хона) будааст ва баъд аз мурури бисёр солҳо, бо сабаби «меҳ ҳастӣ» гуфтани султон, номаш «Меҳ-ситтӣ» шуда бошад. Гӯё то дарбори султон Санҷар шоира номи аслии худро надоштааст?! Албатта чунин тасдиқот тамоман фаҳмост, ки бо рамзи: «Ту на танҳо ҳамчун зани соҳибҷамол, балки «маҳ» ҳастӣ, зан бошӣ ҳам ситтӣ (соҳиба), маҳ бошӣ ҳам «маҳи бузург», хулоса, ин ки: «Меҳ-ситтӣ» ҳастӣ» гуфтааст, ки ин ҳам сифати маҷозист.

Дар асоси фактҳои таърихии оид ба сар-гузаш-ти бисёрҳо шоирон чунин тасодуфҳо будаанд, ки як қатор шоирон тахаллуси худро чандин бор иваз кардаанд, вале номи худро иваз накардаанд. Ҳол он ки дар бораи Мӯниса ҳатто чунин тасодуф ҳам нест, вай дар ҳеҷ ҷо ва ҳеҷ гоҳ ба ягон касе нагуфтааст, ки тахаллусашро дар ҳар мамлакате ё номашро иваз карда омадааст. Дар ин хусус дар ягон маъхазе аз номи худи шоира ҳеҷ гуна тасдиқоте нест.

Мо, бо сабабҳои дар фавқ зикршуда, албатта, номи Маҳастиро Мӯниса ва тахаллусашро чуноне ки буд, Маҳастӣ навиштем. Ягон далели ақлӣ, нақлӣ ё таърихие, ки ин ҳақиқатро рад намояд, ба назар наомад.

## МУҲАББАТИ МАҲАСТӢ

Маълум аст, ки ба ҳар чаҳор фасли умри ҳамаи инсонҳо муҳаббат бетаъсир нест. Хусусан дар фасли ҷавонии умри инсон, чи ба зан, инчунин ба мард, муҳаббат таъсири махсусе дорад. Дар назм ва наср бузургони адабиёти ҳамаи миллатҳо, дар ҳамаи мамлакатҳо ва ба ҳамаи забонҳои дунё ба саргузаштҳои ошиқон ва маъшуқаҳо романҳо ва достонҳои пурҳарорат ва санъатнигарона бахшида, барои эҷоди чунин асарҳои дилошӯб солҳо меҳнат кардаанд. Дар афсонаҳо ва нақлҳои ноқилони халқӣ низ, дар адабиёти халқӣ, бисёрҳо асарҳои афсонавии ҷовидонӣ роҷеъ ба ишқу муҳаббат дар дунё машҳуранд.

Табиист, ки фасли ҷавонии Мӯниса низ аз насими муҳаббат бебаҳра намондааст. Аз наклҳои тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ва як китоби дастнависе, ки дар Озарбойҷон ба сар-гузашти Маҳастӣ бахшида навишта шудааст, инчунин аз истифсороти баъзе маҷаллаҳои дигар чунин тасдиқ мегардад, ки Мӯниса дар давраи нашъунамои ҷавонии худ, дар Ганҷа Амир-Аҳмад ном писари ҷавони фозилеро дӯст доштааст ва он ҷавон низ дилбохтаи Мӯниса будааст.

Давлатшоҳи Самарқандӣ аз рӯи ду ривояте, ки барои ӯ дастрас будааст, шаҳодат медиҳад, ки Роҷеъ ба таашшуқи Маҳастӣ ва Амир-Аҳмад, аз шуарои номдори замона, ба ривояте шоир Ҷавҳарӣ, ба ривояте шоири бузург шайх Низомии Ганҷавӣ бо номи «Меҳастӣ ва Амир-Аҳмад» достони манзуме навиштаанд.

Ҳикояти чунин таашшуқи Маҳастӣ бо Амир-Аҳмад хеле муфассал ва ба ҳоли ҳар ду низ раҳм-овар аст. Ин ҳол дар даврае ки Маҳастӣ ба дар-бори Ноибул-салтана Маҳмуд, дар Ганҷа буд, тасолуф гардидааст. Ноибул-салтана аз бемеҳрии Маҳастӣ, нисбат ба худ, аз тарафи дигар аз муҳаббат доштани Маҳастӣ ба Амир-Аҳмад дар ғазаб омада буд. Бил-охир, он ҳикоят бо ронда шудани Маҳастӣ аз дарбор як дараҷа хотима меёбад.

* * *

Баъд аз гузаштани чандин солҳо, баъд аз истиқомати Маҳастӣ дар шаҳрҳои Занҷон, Машҳад ва Балх ва омаданаш дар Марви Шоҳиҷахон ба дарбори султон Санҷар, низ ситораи ҳурмат ва некномиаш ҳамоно дурахшон буд. Номи ин шоираи қавиирода ва азобдида торафт машҳуртар мегардид. Бо вуҷуди ин ҳама. Мӯниса азоби муфориқати маъшуқи худро мекашид ва далерона кӯшиш мекард, ки дар зери пардаи ин азоби рӯҳӣ, санъати назмӣ ва мусиқии вай нуқсонпазир нагардад ва ихтилоти вай бо халқ, бо омӯзиши доимии вай, ҳалал наёбад. Ба ҳар ҳол, дар чунин як муддати мадид Маҳастӣ, дар натиҷаи дурии роҳ, аз эҳтимоли истиқболи оян-даи дилдодаи худ дилсард гардид.

* * *

Оид ба таашшуқи дуввуминбораи Маҳастӣ нақли дигаре ҳам мавҷуд аст. Аз рӯи нақли маз-кур маълум мешавад, ки Маҳастӣ ба яке аз муҳофизони хоси султон Санҷар, ки Амин-Кӯрчи ном доштааст, муҳаббат пайдо мекунад. Азбаски Ма-ҳастӣ толиби дидор ва сӯҳбати он ҷавон мегардад, дар вақтҳое, ки фурсат пайдо шавад, аз султон пинҳонӣ ба назди ҳамон дӯстдоштааш мерафтааст. Санҷар бошад, дилдодаи Маҳастӣ буда, ҳар як қадами вайро ҳамеша дар зери назар медоштааст.

Султон Санҷар намегузоштааст, ки Мӯниса бо дилхоҳи худ озодона истиқбол намуда ва бил-охир ба шавҳар баромада ва умри худро бо хушию хурсандӣ гузаронад.

Санҷар, чандин дафъа, дар таҳти таъсири рашк, Амин-Кӯрчиро баҳонагирона таҳдид намуда, вале ба Мӯниса аз ин ҷиҳат роздориро пеша мекардааст. Дар охир Амин аз боргоҳ бо фар-мони шоҳ ронда гардидааст.

Бемавқеъ намебуд агар нақлеро ба ин муносибат оварем. Чунончи шоҳ дар мавриде аз рашк, бо нияти куштан ба Мӯниса таҳдид менамояд ва Мӯниса дар ҷавоби худ бо шеър, ба шоҳ мегӯяд:

*«...Вагар бикушӣ маро дар тандурустӣ,*
*Наҷоте бошадам аз дасти ҳастӣ!*
*Чу «ӯ» як-як нафас бо ман ҳамешааст,*[1]
*Маро як-як нафас бингар чи пешааст?!*
*Чу ҳак мебинадат доим шабу рӯз*
*Чу шамъе бошу хуш механду – месӯз!..».*

Дар натиҷа, мӯниси доимии Мӯнисаи адиба ва мутрибаи олӣ-машраб фақат шеър ва санъати вай, сӯзи дил, азоб ва маҳрумиҳои вай гар-дидаанд, ки то ҳол ҳатто аз намунаҳои эҷодиёташ зуҳур доранд.

## БАЪЗЕ МИСОЛҲО ОИД БА САНЪАТИ ҲАҶВ ВА ҲОЗИРҶАВОБИИ МАҲАСТӢ

Аз мисолҳое, ки нигорандагони таворих ва аҳли адабиёт овардаанд, Маҳастӣ дар санъати ҳаҷв ва ҳозирҷавобӣ низ мумтоз будааст. Агар мавқеи муносибе ояд, на шоҳу на вазир ва на касеро аз аъёни давлат риоя накарда сахт танқид мекардааст. Маҳастӣ ҳамчун шоираи тезҳуш ва зарифтабъ, дар сӯҳбатҳо хеле ҳозирҷавоб будааст. Ба саволҳои мушкилтарин низ фавран бо шеър ҷавоб медодааст. Масалан: шабе барф беҳад бисёр меборад. Маҳастӣ аз маҷлисе, ки он шаб дар ҳузури шоҳ буд, берун баромада ва боз баргашта буд. Шоҳ аз шоира чи тавр будани ҳаворо мепурсад. Маҳастӣ, ҳанӯз ба ҷои худ нанишаста, фавран ба саволи Санҷар бо рубоии зерин ҷавоб мегардонад:

*«Шоҳо, фалакат аспи саодат зин кард,*
*Аз ҷумлаи хисравон туро таҳсин кард,*
*То дар харакат саманди заррин-наълат*
*Бар гил ниниҳад пой, замин симин кард».*

Пеш аз ташкили яке аз сӯҳбатҳои базму хушии дигар, шоҳ қарор додааст, ҳар касе, ки дар сӯҳбат дер ояд, як ҷом шароби чаримавӣ, илова ба навбаташ, нӯшонида шавад. Дар он вақтҳо, чуноне ки ҳозир ҳам дар Кавказ, аз шоҳи гов ҷоми шаробнӯшӣ мавҷуд будааст. Маҳастӣ дар он сӯҳбат бо кадом сабабе дертар меояд. Сипас, бо амри шоҳ ба вай, ҷоми якӯм, ҷоми дуйӯм ва хулоса, ҷоми саввӯмро ҳам бо зӯр нӯшониданӣ мешаванд. Дар вақти ҷоми саввӯмро низ таклиф кар-дан, Маҳастӣ бо қаҳр ба шоҳ муроҷиат карда мегӯяд:

*«Шоҳио зи манат мадҳу сано бас бошад,*
*З-ин аврати бечора дуо бас бошад.*
*Ман гов наям, на шох дар хурди ман аст.*
*Гар гов тӯй, шох – дуто, бас бошад!»*

Ин мутрибаро, ки дар давраи зиндагониаш ҳамто надошт ва шоираи бошуҷоат буд, таърихнависони мӯътамид (бо мисолҳо аз намунаҳои эҷодиёти вай) ёдоварӣ кардаанд. Азобу уқубатҳои дар давраи мусофират кашидаи Ма-ҳастӣ ахгарҳои табъи мунаққидонаи вайро хомӯш ва ё иродаашро барои ҳимояти шарафи инсониаш халалпазир карда натавонистаанд.

Бояд қайд намуд, ки он вақтҳо барои духтари наҷибае, аз синни бистсолагӣ, аз Хуҷанд ба Ганҷа сафар кардан, аз шаҳр ба шаҳр бо роҳҳои дашту биёбонҳои ободу нообод, дар фаслҳои гармову сармо дар бадарға умр гузаронидан, аз сар гузаронидани машаққатҳои дарбор бо риояти таоруфҳои мавҷуда, сӯҳбатҳои адабӣ ва донишмандона гузаронидан бо халқ, бо адибони бузург, интишор додани санъати рақс, савт ва суруд (дар мамлакатҳои ҳамсоя) мувофиқи қо-нунҳои он замон, на дар гуфтор, на дар рафтор ва на дар урфу ойин баробар намеомад. Чунин саргузашт бо ин духтари наҷиба, маълум аст, ки қариб 850 сол пеш аз замони мо воқеъ шуда буд.

Маҳастӣ ба ҳамин тариқ, аз бемуваф-фақиятиҳои рӯзгор ва аз ҳуҷуми ҳаводис шикаст нахӯрд. Вай ҳамаи мушкилиҳоро мағлуб намуд.

Маҳастӣ шоҳиди чанде аз ҷангҳои хунин буд. Маҳасти, пас аз шикаст хӯрдани Санҷар дар ҷанги қарохитоиҳо (дар соли 1141 ҳиҷрӣ) ба туркҳои Ғазна асира афтод. Ба қавле, вай бо ҳамин сабаб шаш сол дар ҳабс монда ва баъд аз

---

[1] «Ӯ» – ин ҷо ишора ба маъшуқи Маҳастист.

муддати мазкур аз ҳабс озод мегардад. Вай дар баробари аз ҳабс озод шуданаш, мехоҳад ба ватани аслиаш шаҳри Хуҷанд баргардад.

Чуноне ки таърих қайд мекунад, он вақтҳо дар ватани ин шоираи маҳкамирода, ҳанӯз ҷанг-ҳои феодалии байни-ҳамдигарӣ давом мекард. Бинобар ҳамин Мӯниса Маҳастӣ мехоҳад аз Ғазна баргашта боз ба Ганҷа сафар кунад. Бил-охир, Маҳастӣ бозгашт ба Ганҷа меояд.

## БАЪЗЕ САНАДҲО ОИД БА ЭҶОДИЁТ ВА ДАВРАҲОИ ОХИРИ УМРИ МАҲАСТӢ

Дар шаҳри Ганҷа, Маҳастӣ бо ҳамон дил-бохтаи дерини худ Амир-Аҳмад истиқбол намуда, баъд аз муддате дар никоҳи ӯ медарояд. Дар таз-кираи дастнависи Муҳаммад-Алӣ Муллозодаи Озарбойҷонӣ, чунин нишон дода шудааст, ки падари Амир-Аҳмад хатиби шаҳри Ганҷа буд ва Амир-Аҳмад баъд аз вафоти падараш, ҳамчун шахси бофазилат ба вазифаи хатибии шаҳр таъин шуда буд. Баъд аз бозгаштани Маҳастӣ муддатҳои мадиди ҳиҷрон ва муфориқат барои ӯ тай мегардад ва Маҳастиро меҳрубонона ба никоҳи худ қабул менамояд.

Маҳастӣ, баъд аз он, дар Ганҷа, ҳаёти боқи-мондаи худро бо Амир-Аҳмад, ки дӯстдори деринааш буд, ба охир мерасонад.

Шоираи бодонишу боофрӯ будани Маҳастиро таърихнависон бо ҳурмат эътироф намуда, қайд менамоянд, ки: «Маҳастӣ чи тавре ки дар Марв бо Умар Хайём дар як шаҳр зиндагонӣ карда, бо ӯ дар аксари сӯҳбатҳои адабӣ ҳамроҳ буд, дар Ганҷа низ бо шоири бузург шайх-Низомии Ганҷавӣ яке аз ҳамсӯҳбатони наздики адабӣ гардида буд. Шавҳари Маҳастӣ, Амир-Аҳмад, ки аз фузалои Ганҷа буда бо шайх Низомӣ рафту омад дошт, шоира Маҳастӣ низ ба воситаи шавҳари худ сӯҳбатҳои Низомии бузургро дарёфт мекард. Шеърҳои Маҳастӣ на як бор мақбули табъи шайх-Низомӣ гардидаанд».

Низомӣ, ҳақиқатан, дар романи манзуми «Хисраву Ширин» дар фасли суханронӣ аз Туғрал Арслон, мегӯяд:

*Меҳастиву Ситиро бар ғазалҳо*
*Шабе сад ганҷ бахшӣ, дар масалҳо.*

Шоира Маҳастӣ, чуноне ки сабт гардидааст, баъд аз вафоти Низомӣ, дар солҳои 579-585 ҳиҷрӣ вафот намудааст. Ба муносибати дӯстие, ки байни оилаи Низомӣ ва Маҳастӣ буд, Маҳастиро бо эҳтироми бузург дар назди мақбараи Низомӣ дафн кардаанд. Ин аст, ки қабри Маҳастӣ дар ватани Низомӣ, дар қаряи Ҳамадон (дар ҳафт километр аз шаҳри Ганҷа) воқеъ гардидааст.

Аз эҷодиёти шоираи поктинат ва олӣ-санъат Мӯниса Маҳастӣ 205 байт шеър боқӣ мондааст. Ал-батта, ин як қисме аз эҷодиёти шоира мебошад. Ба ривояте мегӯянд, ки ин қисми шеърҳои вай, дар давраи ҳаёташ, бо қалами худаш дар як китоб ҷамъ оварда шуда ва онро худаш «Чорғоҳи Маҳастӣ» номидааст. Шоира дар китоби мазкур, ҳаёти худро ба чаҳор давра тақсим карда, ба ҳар як – ҳиссае аз шеърҳояшро мансуб доштааст.

Шеърҳои «Чорғоҳи Маҳастӣ» хеле латиф, бозарофатона, инчунин бо мазмуни дилпазире навишта шудаанд.

Дар тазкираи «Оташкада» нишон дода мешавад, ки Ҷавҳарӣ Заргари Бухороӣ достоне манзум бо номи «Амир-Аҳмад ва Маҳастӣ» навишта будааст. Афсӯс, ки нусхае аз он ба даст наомад.

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ МАҲАСТӢ

*Моро ба дами тир нигаҳ натавон дошт,*
*Дар хонаи дилгир нигаҳ натвон дошт.*
*Онро, ки сари зулф чу занҷир бувад,*
*Дар хона, ба занҷир, нигаҳ натвон дошт.*

* * *

*Шоҳо, фалакат аспи саодат зин кард,*
*Аз ҷумлаи хисравон туро таҳсин кард,*
*То дар ҳаракат саманди заррин-наълат*
*Бар гил нанихад пой, замин симин кард.*

* * *

*Шоҳо, зи манат мадҳу сано бас бошад,*
*З-ин аврати бечора дуо бас бошад.*
*Ман гов наям, на шох дар хурди ман аст.*
*Гар гов туӣ шох – дуто, бас бошад!*

* * *

*Аз ман тамаи висол дорӣ?*
*Алҳақ, ҳаваси маҳол дорӣ!*
*Васлам натавон ба хоб дидан,*

*Ин чист, ки дар хаёл дорӣ?!*

* * *

*Қассоб, чунон ки одати ӯст, маро*
*Афканду бикушту гуфт: «Ин хӯст маро!»*
*Сар боз ба қадр мениҳад бар поям,*
*Дам медамадам, то бикашад пӯст маро.*

* * *

*Он буд, ки рухаш рашки гулу ёсуман аст,*
*В-аз гамзаи шӯх фитнайи марду зан аст.*
*Дидам ба рахаш – латиф чун оби равон,*
*Он оби равон ҳанӯз дар чашми ман аст.*

* * *

*Дар раҳгузаре фитода дидам масташ,*
*Дар пой фитодаму гирифтам дасташ*
*Имрӯзаш аз он ҳеҷ намеояд ёд,*
*Яъне чурмаш нест, вале кин ҳасташ.*

* * *

*Ҳар корд, ки аз куштаи худ бар гирад,*
*Андар лабу дандони чу шаккар гирад.*
*Гар бори дигар бар гулӯйи кушта ниҳад,*
*Аз завқи лабаш зиндагӣ аз сар гирад.*

* * *

*Бо абр ҳамеша дар итобаш бинам,*
*Ҷӯяндаи нури офтобаш бинам.*
*Гар мардумаки дидайи ман ҳаст, чаро*
*Ҳар гаҳ ки нигаҳ кунам, дар обаш бинам!*

* * *

*Афсӯс, ки атрофи гулат хор гирифт,*
*Зог омаду лоларо ба минқор гирифт.*
*Симоби занахдони ту овард мидод,*
*Шанҷарфи лаби лаъли ту зангор гирифт.*

* * *

*Дар доми гами ту хастае нест чу ман,*
*Аз ҷаври ту дилшикастае нест чу ман.*
*В-ар хостагони ҷавр ту бисёранд,*
*Лекин ба вафо нашастае нест чу ман.*

* * *

*Қисса чӣ кунам, иштиёқи ту чӣ кард?*
*Бо ман, дили пур зарку нифоқи ту чӣ кард?*
*Чун зулфи дарози ту шабе мебояд,*
*То бо ту бигӯям, ки фироқи ту чӣ кард?!*

* * *

*Шабҳо, ки ба-ноз бо ту хуфтам, ҳама рафт,*
*Дурҳо, ки ба нӯки мижжа суфтам, ҳама рафт.*
*Ороми дилу мӯниси ҷонам будӣ,*
*Рафтию ҳар он чӣ бо ту гуфтам, ҳама рафт.*

* * *

*То сунбули ту голиясойи накунад.*
*Боди саҳарӣ нофакушойиӣ накунад.*

*Гар зоҳиди садсола бубинад дастат,*
*Бар гардани ман, ки порсоӣ накунад!*

* * *

*Эй он, ки шараф бар хуру ховар кардӣ,*
*Зулфу рухи худ ба ҳам баробар кардӣ.*
*Хуш омадӣ, эй хисрави хубони ҷаҳон,*
*К-имрӯз харобот мунаввар кардӣ!*

* * *

*Аз заъф ман ончунон тавонам рафтан,*
*К-аз дидайи худ ниҳон тавонам рафтам*
*Бигдохтаам чунон, ки гар оҳ кашам,*
*Бо оҳ бар осмон тавонам рафтан.*

* * *

*Ман аҳди ту сахт – суст медонистам,*
*Бишкастани он дуруст медонистам.*
*Ҳар душмани, эй дӯст, ки бо ман кардӣ,*
*Охир кардӣ, нахуст медонистам!*

* * *

*Кор аз лаби хушку дидан тар бигузашт,*
*Тири гами ӯ зи ҷону дил бар бигузашт.*
*Обем тунук намуд, пас, оташи ишқ,*
*То бигзарамаш, фигон, ки аз сар бигузашт.*

* * *

*Ҳар шаб зи гамат тоза-азобе бинам,*
*Дар дида ба ҷойи хоб обе бинам,*
*В-онгаҳ, ки чу наргиси ту хобам бубарад,*
*Ошуфтатар аз зулфи ту хобе бинам.*

* * *

*Айём бар онаст, ки то битвонад,*
*Як рӯз маро ба коми дил наншонад.*
*Аҳде дорад фалак, ки то гирди ҷаҳон*
*Худ мегардад, маро ҳамегардонад.*

## ШОИРА СИТТӢ-ХОНУМ

Аз рӯи сабти таърих Ситтӣ духтари Санҷари салҷуқӣ будааст. Таърихи таваллуд ва вафоташ маълум нест. Санҷар бошад, дар санаҳои 479-551 ҳиҷрӣ, яъне 72 сол ҳаёт ба сар бурдааст.

Вақте ки султон Маҳмуд – додарзодаи Санҷар ба Санҷар ғолиб меояд, Санҷар бо маслиҳати соҳибтадбирони мулк, бо нияти мусолиҳа ва ҳифзи як қисми салтанати худ, духтараш Ситтиро ба Султон Маҳмуд ба занӣ медиҳад.

Ситтӣ соҳиби табъи шеър буда, аз ин ҷиҳат эъ-тибор пайдо намудааст.

Аз рӯи нақли ноқилон Ситтӣ соҳиби шеърҳо ва ғазалҳои бисёре будааст.

Дар баробари ҳамин, бояд қайд намуд, ки аз шеърҳои ин адиба, дар ҳеҷ яке аз асарҳои таърихӣ, ки дар китобхонаҳои шаҳри мо буданд, ба назар нарасид. Аз он ҷиҳат ки ин шоира дар назм эътибор доштааст, шоири машҳури ҳамон аср Амъақи бухороӣ ба муносибати вафоти вай марсияе навиштааст. Мо аз он марсия ду байти зеринро мисол меоварем:

*Ҳангоми он, ки гул дамад аз богу бӯстон,*
*Рафт он гули шукуфтаву дар хок шуд ниҳон.*
*Ҳангоми он, ки шохи шаҷар нам кашад зи абр.*

*Бе об монд наргиси он тоза-бӯстон.*

Дар ин маҷмӯа, аз ин шоира ёдовард кар-дани мо, фақат аз ин сабаб аст, ки дар оянда тад-қиқотчиён баъзе шеърҳояшро, мумкин аст аз ягон маъхазе, ки ба мо ҳанӯз маълум нест, пайдо кар-да тавонанд.

## ШОИРА МУТРИБАИ КОШҒАРӢ

Мутриба аз тоҷикзабонони мавзеи фараҳбоди вилояти Кошғар буда, дар тазкираҳо вайро зани хеле оқила ва донишманд мешуморанд. Вай яке аз канизони ҳарами Туғоншоҳ (асри шашӯми ҳиҷрӣ) буда, ба забони тоҷикӣ хеле шеърҳо навиш-тааст. Дар ин хусус бояд гуфт, ки аз он шеърҳо хеле ва хеле кам боқӣ мондаанд. Лиҳозо, як-ду мисол аз шеърҳои Мутриба оварда шуд:

*Он байтҳо, ки мушкро аз Чин ҳамебаранд,*
*Хушбӯ гизолаҳо, ки саро по муаттаранд,*
*Бӯе магар рабудаанд аз чини зулфи мо,*
*К-ин қадр шӯху дилбаранду шавқ-офаранд.*

* * *

*Чун нигаҳ кардӣ буто, боре ба пинҳонӣ маро,*
*Дину дил аз даст шуд, як раҳ, ба осонӣ маро.*
*То шунидам як сухан аз ту, ҳамоно лутф буд,*
*Гуфтам, ин давлат мудомам бод арзонӣ маро.*

# Асри XIV

## ҶАҲОН-ХОТУН

Дар бораи ин шоира, Давлатшоҳи Самарқандӣ, дар «Тазкират-ул-шуаро»-и худ, нақл мекунад, ки: «Ҷаҳон-хотун зани зарифа, шоираи истеъдоднок ва ҷамилайи машҳури замони худ ва соҳиби ашъори дилпазир будааст».

Ҷаҳон-хотун мушоир ва мунозири Низо-миддин Убайди Зоконӣ будааст. Аз ин рӯ, маъ-лум мешавад, ки вай дар аввалҳои асри – XIV зиндагонӣ кардааст. Вай аз Туркистони ҳа-монасра ба дарбори шоҳ Абӯ-Исҳоқ рафта буд. Абӯ-Исҳоқ бошад, яке аз феодалҳои маҳаллии Эрон буда, аз инкирози давлати Ҳалоку-хон истифода карда, ҳукумати маҳаллии худро ташкил дода буд. Ҷой ва соли таваллуд, инчунин соли вафоти Ҷаҳон-хотун дар он маъхазҳое, ки барои мо дастрас буданд, зикр наёфтааст. Дар китоби «Намунаи адабиёти Эрон» як байт аз шеърҳои вай мисол оварда шудааст, ки ин аст:

*«Мусаввирест, ки сурат зи об месозад,*
*Зи зарр-зарраи хок офтоб месозад».*

Чуноне, ки нақл мекунанд, бил-охир, Хоҷа-Аминиддин ном вазири мӯътамиди шоҳ-Абӯ-Исҳоқ, аз рӯи муҳаббате, ки доштааст, бо Ҷаҳон-хотун ақди никоҳ мекунад. Низомиддин Убайди Зоконӣ аз ин ҳол ранҷида, дар ҳаққи вазир ва бевафоии Ҷаҳон-хотун шеъри ҳаҷвие навишта будааст.

Низомиддин Убайди Зоконӣ бошад, чунон ки маълум аст, дар солҳои 1270 – 1370 милодӣ зиндагӣ кардааст. Ва машҳур аст, ки Убайд ҳамасри Хоҷа Ҳофиз, Салмони Соваҷӣ ва Камоли Хуҷандӣ буд.

# АСРИ XV

## ШОИРА МЕҲРИИ ҲИРОТӢ

Меҳрӣ ҳамсари ҳаким хоҷа Абдул-Азизи Ҳиротӣ будааст. Хоҷа Абдул-Азиз бошад, марди пирсол ва аз ин сабаб камҳавсала буда, вале Меҳрӣ зани хеле соҳибҷамол ва ҷавон будааст.

Хоҷа Абдул-Азизи мазкур, чуноне ки маъхазҳо нишон медиҳанд, табиби хоси Шоҳрух-Мирзо буда, аз ин ҷиҳат дар назди ӯ эътибор доштааст. Абдул-Азизро аҳли дарбор ва мардуми Хирот бо изҳори ҳурмат ба шахси ӯ «Ҳаким хоҷа Абдул-Азиз» меномидаанд.

Таърихнависон қайд намудаанд, ки Шоҳрух Мирзо дар солҳои 1418-1459 милодӣ, дар Ҳирот ҳукмронӣ кардааст.

Шоира Меҳрӣ, дар баробари ин, ки зани ҷавонсини, соҳибҳусн ва софдил буд, фикри равшан ва табъи баланде дошт, бағоят шӯхтабъ ва хушсӯҳбат ҳам буд. Вай аз сабаби хушгуфтор, латифагӯй, ширинадо ва ҳозирҷавоб буданаш, ба дарбори Шоҳрух-Мирзо, ба сӯҳбатҳои Гавҳаршод-бегим даъват карда мешуд. Вай илова ба ширинсуханӣ ва сӯҳбаторой, ҳамчун шоираи бозаковат, соҳибтадбир ва илмдӯст низ ба аҳли адаб ва сиёсатдорони замонаш шиносо гардида буд. Меҳрӣ бо ҳамаи ин сифатҳои худ дар назди Гавҳаршод-бегим мақоми махсусеро ишғол мекунад. Вай ҳамеша бо рафтори нек, гуфтори зарифона ва ашъори ширину пурмаънои худ ҳамсӯҳбатонашро ба ҳайрат меовард. Ин буд, ки вайро ба куллӣ ба дарбор оварданд.

Рӯзе, Гавҳаршод-бегим, дар яке аз нишемангоҳҳои қасри дуйӯми ҳарам, ки аз тарафи кӯча дар дошт, бо Меҳрӣ ҳамсӯҳбат менишаст. Тасодуфан шавҳари Меҳрӣ, – Абдул-Азиз аз он роҳ мегузашт ба қаср нигоҳ кард ва дид, ки Гавҳаршод, ба ӯ нигоҳ карда истодааст. Абдул-Азиз, эҳтимол, аз нигоҳи кардааш ҳиҷолат кашида бошад, якбора суръати раҳ гаштанашро тез мекунад. Шояд аз сабаби куҳансолиаш бошад, тартиби рафтори Абдул-Азиз ноҳамвор ва хандаовар мегардад. Гавҳаршод худро нигоҳ дошта натавониста, бо завқ механдад ва ба Меҳрӣ «Ба ин рафтори ҳаким чи мегӯӣ?» – гуфта, хитоб мекунад.

Меҳрӣ, фавран ба Гавҳаршод (вале киноятан ба унвони шавҳараш), бо ин рубоӣ ҷавоб медиҳад:

*«Маро бо ту сари ёрӣ намонда,*
*Сари меҳру вафодорӣ намонда.*
*Туро аз заъфи пирӣ қуввату зӯр*
*Чунон ки пой бардорӣ, намонда!»*

Дар ин ҳаҷви латиф ва ширин мисраи думаънодор низ дида мешавад.

Меҳриро баъд аз он, ки ба ҳарами дарбор меоранд, истиқболи вай бо шавҳараш хеле душвор мешавад. Шавҳараш аз ин муфориқат бештар пир ва афтода мешавад. Ӯ на ба Шоҳрух-Мирзо ва на ба Гавҳаршод, ҷуръат намуда аз ин ғаму азоби рӯҳии худ чизе ифода карда наметавонад.

Меҳрӣ, вақте ба соҳибҷамолии зоҳирӣ ва ба ҷамоли ботинӣ ва равшании табъ ифтихор намуда, ба шавҳараш ҳаким муроҷиат карда, гуфта буд:

*«Кардам бар авҷи бурҷи маҳи хештан тулӯъ,*
*Ҳон, эй ҳаким, толеи масъуди ман нигар!..!*

Шоира бешубҳа, барои чунин ифтихор ҳақ дошт.

Меҳрӣ дар яке аз сӯҳбатҳо баландии нашаоти ашъор ва латифии табъи худро дар назар дошта, гуфта буд:

*«Бехи ҳар хоре, ки он аз хоки ман ҳосил шавад,*
*Зоҳид ар мисвок созад, масту лояъқил шавад!..»*

Давраи зиндагии Меҳрӣ дар дарбори шоҳ, хушомад ва тамаллуқҳои ба дил номақбул ва муросокорона дер давом карда натанонистанд. Рӯзе ҳам расид, ки Шоҳрух-Мирзо бо шубҳае, бо насвасаи ғаммозон фармуд, ки Меҳриро дар ҳабс гиранд. Фармонбардорони дарбор шоираи маъсумаро дар маҳбас бурдан ва ба пояш кунда заданд. Он гоҳ шоира, дар маҳбас ин байтро гуфта буд:

*«Шаҳ кунда ниҳод сарви симинтанро,*
*З-ин воқеа шеван аст марду занро!..»*

Ба ҳамин тариқ, чуноне ки нақл мекунанд, Меҳрӣ пас аз ҳабс аз боргоҳ ронда мешавад.

Дар ашъори давраҳои охири ҳаёти Меҳрӣ норозигӣ, бадбинӣ ва шӯриши ошкор бар муқобили хулқу атвори замондорон ва рӯҳониён дида мешавад.

Аз он гуна шеърҳои вай, ки бо услубу сохти ашъори ҳиссӣ навишта шудааст, якеро мисол меоварем:

*«Ҳалли ҳар нуқта, ки аз пири хирад*

*мушкил буд,*

*Озмудем, ба як ҷуръаи май ҳосил буд*

*Гуфтам аз мадраса пурсам сабаби*

*ҳурмати май,*

*Дари ҳар кас, ки задам, бехуду лояъқил буд.*
*Хостам сӯзи дили хеш бигӯям бо шамъ,*
*Дошт худ ӯ ба забон – он чӣ маро дар дил буд.*
*Дар чаман субҳидам аз гиряву зории дилам,*
*Лолаи сӯхта – хун дар дилу по дар гил буд.*
*Он чи аз Бобулу Ҳорут ривоят карданд,*
*Сеҳри чашми ту бидидам – ҳамаро шомил буд.*
*Давлате буд тамошои рухат Меҳриро,*
*Ҳайф, сад ҳайф, ки ин давлати мустаъҷил буд!*

Меҳрӣ, чуноне ки худаш номувофиқати заношӯии зани ҷавон ва марди пирро аз сар гузаронида буд, бар муқобили ин гуна урф, мехоҳад занони ҷавонро ҳимоят кунад. Ин аст, ки дар ин мавзӯъ аз табъи зарифи худ рубоиеро ба ёдгор гузоштааст. Ин рубоӣ, ҳанӯз ҳам, дар як қатор мамлакатҳои дунё аҳамияти худро гум накардааст.

*«Шӯи зани нав-ҷавон агар пир бувад,*
*Чун пир бувад, ҳамеша дилгир бувад.*
*Оре, масалест он, ки гӯянд занон:*
*«Дар паҳлуи зан тир – беҳ аз пир бувад!»*

# **АСРИ** XVI

## АДИБАИ ДЕҲЛАВӢ
## КОМИЛА-БЕГИМ

Комила-бегим аз занони мӯҳтарамаи шаҳри Деҳлӣ буда, дар замони ҳукмронии Акбар-шоҳ (асри X-ӯми ҳиҷрӣ) умр ба сар бурдааст. Таърихи вафоти Акбар-шоҳ дар санаи 963 ҳиҷрӣ қайд гар-дидааст.

Комила-бегим хеле боташаббуси роҳи маъ-рифат ва дӯстдори аҳли илму фазилат будааст. Аз ҷиҳати дониши шеърият ҳамрадифи пешқадамони замони худ будан, дорои истеъдоди комил ва адибаи закитабъ будани Комила дар саҳифаҳои таърихи замонаш қайд гардидааст. Вай шоираи фасеҳзабон буда, дар шеърнависӣ услуби хосе дош-тааст.

Комила-бегим ба мавзӯҳои гуногун ва хусусан шеърҳои ҳиссии бисёре эҷод намудааст, аммо аз онҳо хеле кам боқӣ мондаанд. Бинобар он, мо ин як рубоиро, ки аз таровиши табъи вай намунаест, мисол меорем. Вай онро дар мавриди ҳодис шудани мотаме, ба Файзӣ ном шахсе ҳам чун марсия навишта ва аз рӯи хотирхоҳӣ тақдим намудааст.

### РУБОӢ ИН АСТ:

*«Файзӣ, махӯр ин гам ки дилат тангӣ кард,*
*Бо пои умед умри ӯ лангӣ кард.*2
*Мехост, ки мурги рӯҳ бинад рухи дӯст,*
*З-ин восита аз қафас шабоҳангӣ кард.*

## ШОИРА НИҲОНӢ

Ниҳонӣ яке аз шоираҳои тоҷикзабони мам-лакати Афғонистони асри XVI-ӯм буда, ҳамчун шоираи ҳассос ва равшанзамир шӯҳрат пайдо кар-дааст. Баъзе сарчашмаҳои таърихӣ, ки бо онҳо шинос шудем, бо якчанд ҷумлаҳои умумӣ баъзе сифатҳои неки вайро ба мо мефаҳмонанд, вале оид ба саргузашташ, соли таваллуд ва ё вафоташ, низ оид ба асарҳояш маълумоти пурра намедиҳанд.

Маълум мешавад, ки Ниҳонӣ аз шарофати фазилат ва доноии худ, бо модари шоҳ-Сулаймон, ки Хуррам-бегим ном доштааст, унсият пайдо карда, ҳамсӯҳбати хос ва ҳамешагии вай горди-даast. Ниҳонӣ яке аз канизони бағоят соҳибҷамоли ҳарами шоҳ-Сулаймон будааст.

Овозаи ҷамол ва фазилати Ниҳонӣ ҳатто дар мамлакатҳои ҳамсоя низ интишор меёбад. Аз ашъори диловезаш завқ бурда ва ба овозаи ҷа-моли дилошӯбаш фирефта шуда, адибон ва амирон ва соҳибони мансабҳои баланд, аз ҳар ҷо, барои издивоҷ бо Ниҳонӣ, хостгорҳо мефиристанд. Ниҳонӣ бошад, ҳеҷ якеро аз онҳо лоиқи ҳамсарии худ надида, дар

---

2 «Ӯ» – дар мисраи дӯйӯм, бояд ишора ба яке аз аҳли оилаи Файзӣ бошад, ки вафот ёфта будааст.

ҷавоби толибон шеъреро навишта мунташир мекунад, дар баробари ҳамин чунин шарт мегузорад, ки: агар касе аз ӯҳдаи ҷавоби он шеър баромада тавонад, қатъи назар аз синну сол ва молу амволаш, ҳамон касро ба ҳамсарии худ қабул хоҳад кард.

**ШЕЪРАШ ИН АСТ**

*Аз марди бараҳна рӯи зар металабам.*
*Аз хонаи анкабӯт пар металабам.*
*Ман аз даҳани мор шакар металабам.*
*Аз пашшаи мода – шери нар, металабам.*

Вале, дар он аср, аз байни дилдодагонаш ҳеҷ кас натавонистааст ба ин шеъри шоира ҷавоб нависад. Ниҳонӣ тамоми умрашро бешавҳар мегузаронад.

Чуноне, ки нақл мекунанд, пас аз вафоти Ни-ҳонӣ ва гузаштани чандин сол, Саъдулло-хон ном вазири Шоҳи-Ҷаҳони муғул, аз нуктаҳои шеъ-ри Ниҳонӣ пай бурда, ҷавобан рубоии зеринро навиштааст:

*Илм аст бараҳнарӯ, ки таҳсил зар аст,*
*Тан хонаи анкабӯту дил болу пар аст.*
*Заҳр аст ҷафои илму маънӣ шакар аст.*
*Ҳар пашша аз ӯ чашид, он – шери нар аст.*

## МУНИРА ДУХТАРИ МУШФИҚӢ

Ин адиба, духтари шоири машҳури бухороӣ Абдураҳмон Мушфиқӣ мебошад. Мушфиқӣ шои-ри дарбори султон Абӯ-Саид ва Абдуллохон буда, дар солҳои 1520 – 1587 милодӣ зиндагонӣ кар-дааст.

Мунира духтари зебо, бадеҳагӯй, шӯҳтабъ ва ҳозирҷавоб буда, табъи шеър ҳам доштааст. Аммо аз эҷодиёти ин шоира, тақрибан ҳеҷ чиз боқӣ намондааст.

Нақл мекунанд, ки дар бадеҳагӯӣ ва ҳозирҷавобӣ, Мушфиқиро касе, ғайр аз духтараш, банд карда наметавонистааст. Дар бораи бадеҳагӯӣ ва ҳозирҷавобии байни ин духтар ва падар, дар байни халк баъзе нақлҳо мавҷуданд, ки мо аз онҳо мисол намеоварем, зеро дар мавзӯи асосии ин китоб, ҳаҷвиётро дар назар надорем. Ба ҳар ҳол аз ин як рубоие, ки аз забони халқ шунида, навишта гирифтем, дар шеърнависии ғайри-ҳавҷӣ низ ин шоира табъи равон ва истеъдоди хубе доштааст.

*Дар хона нишаста, рӯ ба девор шудам,*
*Аз гиряву ашки дида безор шудам.*
*Гар булбуламу агар гули боғ, чӣ суд?*
*Хандидаму нола кардаму зор шудам!*

# АСРИ XVII

## ШОИРА ЗЕБУННИСО МУТАХАЛЛИС БА «МАХФӢ»

Шоираи тавонои сухани зарифона ва ади-баи оташиннафас Зебуннисоро халқи тоҷик нағз мешиносад ва ба худ наздик мешуморад. Шеър-ҳои дилпазири вай дар Тоҷикистон ба дараҷае интишор ёфтаанд, ки ҳамаи пиру барно онҳоро бо муҳаббат мутолиа менамоянд. Ҳофизони рес-публикаи мо шеърҳои шавқовари ҳиссии Зе-буннисоро чӣ ба воситаи радио, инчунин дар мавридҳои тӯй, ҷашн ва сӯхбатҳо дар байни халқ бо мароқи тамом, ба беҳтарин ҳавоҳои мусиқӣ ҷӯр намуда (дар қатори шеърҳои рӯҳбахши саромадони бузурги назми тоҷик) мехонанд.

Зебуннисоро дар санъати ғазалсароӣ яке аз пур-иқтидортарини шуарои замонаш мешуморанд. Агар чӣ вай бо шеърҳои латиф ва ширинаш ба ҳамаи мо маълум аст, дар қисми тарҷимаи ҳолаш баъзе қайдҳо аз манфиат холӣ нахоҳанд буд.

Зебуннисо духтари Абӯ-Зафар Муҳиддин Ав-рангзеб мебошад. Падараш яке аз шоҳони сахтдаст ва худсари мамлакати Ҳинд буд. Аврангзеб, чуноне ки аз таърихаш мутолиа мешавад, бо сабаби ҷаҳолат ва салтанатхоҳии худ ба хонадони сулолааш ҷинояти сахте намуда, номи худро бо золимӣ доғдор кардааст. Дар охир ӯ аз тарафи маддохони буздили замони ҳукмронии худ бо лақаби «Оламгир» сифат ва шӯҳрат ёфтааст.

Зебуннисо агарчи фарзанди чунон падаре буд ва дар боргоҳи шоҳонаи ӯ зиндагӣ ба сар мебурд, бар хилофи табиати падараш, дӯстодори илму дониш буда, хурофотро ва аз ғояҳои пешқадам қафо-мониро дӯст намедошт. Ин шоираи қави-ирода дар роҳи омӯзиш саъю кӯшиши бисёр намуда, дар натиҷа яке аз пешқадамтарин занони бофазилати замони худ гардид. Ба вай, аз синни хеле наврасӣ табъи шеър пайдо шуда буд. Ба мурури таҳсил ва касби фанни шеър, ошно шудан бо ҳаёт ва мутолиаи бисёре ҷаҳонбинӣ ва тафаккури вай равнақ ёфта, эҳсосот ва заковаташ торафт дурахшонтар шудан гирифтанд.

Зебуннисо шоираи хеле бофазл ва соҳиби фикри озодихоҳона буд. Вай ба забонҳои тоҷикӣ-фор-сӣ ва арабӣ шеърҳои хеле бофасоҳат ва устодона эҷод менамуд.

Аврангзеб, эҳтимол аз таъсири ҷоҳилии худ бошад, намехост, ки духтараш бо касби шеър маш-ғул шавад, намехост, ки ба воситаи шеър номи духтараш вирди забони ашхоси номаҳрам шавад. Зебуннисо ба чунон як вазъият киноятан навишта буд:

*«Эй булбули хушилҳон, махрӯшу дам*
*фурӯ каш,*
*Табъи «латиф»-и султон тоби сухан*
*надорад».*

Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки Зебуннисо ба худ тахаллуси «Маҳфи»-ро гирифта, бо он шеърҳо гуфтааст. Аммо вай мехост, ки ҳама садояшро шунаванд, шеърҳояшро хонанд ва номашро донанд.

*«Дар сухан пинҳон шудам чун бӯйи гул дар*
*барги гул,*
*Майли дидан ҳар кӣ дорад, дар сухан*
*бинад маро!».*

Зебуннисо дар замоне зиндагӣ мекард, ки хусусан занон ва духтарон ҳатто аз ҳуқуқҳои оддитарин ҳам маҳрум буданд. Хатто худи вай, агарчи духтари шоҳ буд, на дар гуфтор ва на дар роҳу равиши худ озод набуд. Вай аз чунин дух-тари шоҳ буданаш рӯҳан ба фишор омада ва тамоман безор шуда буд. Маҷлисҳои шоҳона ва зебу зинатҳои назарфиребонаи дарбор дили бедори вайро меранҷониданд.

Зебуннисо дар харами падараш гӯшаи танҳоӣ ихтиёр намуда, табъи худро бо ҷавоҳироти дониш зинат доданро аз ҳама гуна зинатҳои шоҳона авлотар медонист.

*«Духтари шоҳам валекин рӯ ба*
*факр овардаам,*
*Зебу зинат бас ҳаминам: номи ман –*
*Зебуннисост».*

Хурофот, хусусан дар он давра, занон ва дух-таронро дар шиканҷаи азобу уқубат гирифта буд. Чунон азоб барои канизон боз ҳам вазнинтар буд. Рӯҳониёни мутаассиб ва давлатмандони ҷо-ҳил хурофотро ҳимоят менамуданд. Зебуннисо, ки шоираи хирадманд ва толиби пешрафти ҷамъият буд, ба ҳоли заноне ки онҳоро зулмати давр печонида гирифта буд, раҳмаш меомад. Вай бар зидди зулму хурофот бо шеър исён мебар-дошт.

*«Наштаре дорам ниҳон дар синаи ҳар нолае,*
*Бас дили аҳли ситам афгор хоҳам карду*
*рафт.*
*Дин агар ин асту имон ину аҳли қибла ин,*
*Риштаи тасбеҳро зуннор хоҳам карду*
*рафт».*

* * *

Дар бораи таашшуқи Зебуннисо, ҳамчун ода-ми зинда, бо шахсе дар маъхазҳои таърихӣ нақл-ҳо хеле кам дида мешаванд. Инчунин дар бораи ишқ варзидани касе ба Зебуннисо, рад ё қабул намудани Зебуннисо ишқи онро ба худ, нақлҳо хеле кам дида мешаванд. Фақат дар ин бора ду нақл мавҷуд аст, ки мо хостем ба тарзи мухтасар баён намоем.

Мегӯянд, ки яке аз шоирони дарбор Носир-Алӣ Зебуннисоро дӯст медоштааст. Эҳтимол Зе-буннисо ба каси дигаре дил дода будааст ва он сирри дили худро махфӣ нигоҳ медоштааст. Боре, Зебуннисо як мисраъ шеъре навишта будааст, ки дар зайл меорем:

*«Аз хам намешавад зи ҳаловат ҷудо*
*лабам...»*

Носир-Алӣ мисраи дуйӯмашро, бадоҳатан навишта, ба Зебуннисо фиристодааст, ки бо мис-раи Зебуннисо навиштагӣ ҳамвазну ҳамқофия будааст:

*«Гӯё расида бар лаби Зебуннисо лабам!..»*

Аз ин густохии Носир-Алӣ, Зебуннисо малоли хотир шуда, дар ҷавобаш байти зеринро навишта фиристодааст:

*«Носир-Алӣ, ба номи Алӣ бурдаӣ паноҳ,*
*Варна, ба зулфиқори Алӣ!*
*Буридамӣ сарат!»*

Дар бораи мукотаба ва мушоараи Зебуннисо ва Носир-Алӣ нақли дигаре ба назар нарасид.

* * *

Аз нақлҳои забонӣ машҳур аст, ки Зебуннисо дилбохтаи шоири бузурги ҳамасри худ Мирзо Абдул-Қодир Бедил будааст. Аммо ин розро аз ҷаҳолати падараш тарсида, ба касе намегуфтааст. Мумкин аст, ки ин нақл аз эҳтимол дур набошад.

Бедил, ки ҳанӯз чуноне, ки соҳибони тазкира тасдиқ мекунанд, аз синни даҳсолагӣ табъи шеър, дошт, вақте Аврангзеб ба тахти салтанат соҳиб гардид, Бедил хеле ҷавон буд. Яъне, Бедил дар он вақт 14-сола буд. Шеърҳои Будил сол то сол шӯҳрат пайдо кардан гирифт. Ба сабаби он, ки он вақтҳо бисёрҳо аз шоирон ба дарбори шоҳ наздик буданд, шеърҳои Бедили синнаш ҷавон, вале мазмунан бузург, ба воситаи ҳусни таваҷҷӯҳи шоирони дарбор, дар байни аъёнони давлат низ интишор ёфтан гирифт. Бедил ҳатто аз байни шоҳзодагон, умарову ашроф ва табақаҳои дигари дарбор мухлисҳо пайдо кард. Дар охир, писари хурдии Аврангзеб, – Аъзам-шоҳ, дар вақти шоҳзодагиаш, хост, ки Бедил ба ӯ наз-дик, муқарраб ва яке аз навкарони мусоҳибаш бошад. Аз касони обрӯманди дарбор Мирзо Шукрулло барин одамон дӯсти наздики Бедил шуда буданд.

Зебуннисо, ки дӯстдори адабиёт ва илму дониш буд, бешубҳа, аз асарҳои Мирзо-Абдул-Қодири адиб, донишманд ва файласуф бебаҳра намондааст. Дар байни ҷавонони адабии дарбор, ки дар атрофи бародари Зебуннисо, – Аъзам-шоҳ ҷамъ омада буданд, Мирзо-Абдул-Қодир ҳам буд, ки бешубҳа Зебуннисо борҳо ӯро дидааст ва эҳтимол бо ӯ ҳатто ҳамсӯҳбат ҳам шудааст. Аҷаб нест, ки шоира он шоири олитабиатро дилхоҳи худ интихоб карда бошад? Бояд дар хотир дошт, ки бо ҳамаи муваффақияти худ Бедил он вақт навкар, вале Зебуннисо, ба ҳар ҳол шоҳдухтар буд. Магар мумкин буд, ки Аврангзеб барин як подшоҳ ба навкари писараш духтарашро диҳад? Ба ҳар ҳол, мумкин аст тасдиқ намуд, ки шоир ва шоира баҳам дил дода бошанд!

Шеърҳои зеринро аз тарафи Махфӣ, ба унвони Мирзо Абдул-Қодир нисбат медиҳанд:

**I**

*Гарми газаб чӣ мекунӣ наргиси масти нозро?*
*Нозу карашма бас бувад дилшудаи ниёзро!*
*Риштаи дил гиреҳ-гиреҳ шуд ба даруни синаам,*
*Бас, ки ба гиреҳ задам оҳи ҷигаргудозро.*
*Эй, ки ба айш хуфтаӣ, дарду гаме надидаӣ,*
*Аз дили дардманд пурс ҳоли шаби дарозро!*
*Аз паи кас чӣ меравӣ? Бонги ҷарас чи мекунӣ?*
*Ҳодии раҳ муҳаббат аст қофилаи Ҳиҷозро.*
*Ғунча сифат шукуфт дил аз сухани ту,*

*Махфиё,*

*Тақвияти сухан намо табъи суханфирозро!*

**II**

*Зи акси рӯйи ту шуд чеҳраи гулистон сурх,*
*Зи обрӯи ту шуд оби рӯи марҷон сурх.*
*Ту он гулӣ, ки ба бӯстони ишқ рӯзи азал,*
*Зи ашки доги ту шуд лоларо гулистон сурх.*
*Қасам ба партави ҳуснат, ки дидаи хуршед,*
*Надида мисли лабат лаъл дар Бадахшон сурх.*
*Фишонд хуни дил аз дида он қадар Махфи,*
*Ба ҷустуҷӯи ту дар раҳ, ки шуд биёбон сурх.*

**III**

*Биё, биё, ки маро тоби интизор намонд,*
*Иноми дил зи кафам рафту ихтиёр намонд.*
*Фишонда хуни дилам дида он қадар бар хок,*
*Ки боги айши маро новаки баҳор намонд.*
*Нишаста новаки бедод дар дилам чандон,*

*Ки фаҳми аҳли қаламро сари шумор намонд.*
*Сабо, биё, ба тамошо, ки бар ҳадиқаи мо,*
*Зи боди ҳодисааш гунчаи нисор намонд.*
*Дило, зи гардиши айём беқарорӣ чист,*
*Чу даври Хисраву Ширин ба як қарор намонд!*
*Зи гулистони мурувват нишон маҷӯ Махфӣ,*
*Ки ғайри доғи дилу синаи фигор намонд.*

Дар ҳаққи Зебуннисо афсонае низ машҳур аст, ки мегӯянд: «Гӯё Зебуннисо аз атои табиат барои ҳусну ҷамол шикоят доштааст ва бинназар соҳибони ин даъво аз номи Зебуннисо бо ин мисраъ:

*Ҳар гулеро як харидорест дар бозори умр,*
*Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд.*
мехоҳанд гумони хеле шубҳаноки худро тасдиқ кунонанд. Ҳол он, ки шоира дар ин бора аз табиат ҳеҷ шикояте надошта ва билъакс, ба соҳибҷамолии худ бо ин як байт ифтихор менамояд:

*«Булбул аз гул бигзарад, гар дар чаман*
*бинад маро,*
*Бутпарастӣ кай кунад, гар барҳаман*
*бинад маро?!»*

Бояд қайд намуд, ки пир шудани Зебуннисо бе маъшуқ, дар зери бори ғаму ҳиҷрон, на аз он сабаб аст, ки гӯё аз давлати, ҳусну ҷамоли зоҳирӣ маҳрум будааст, балки хусусан аз он сабаб будааст, ки барои ҳамсарӣ бо маъшуқи дилхоҳаш бахт мусоадат накардааст.

Нақл мекунанд, ки Зебуннисо барои расидани он рӯзи хушбахтӣ, яъне рӯзи муваффақ шудан ба ҳамсарӣ бо дилдодаи худ, солҳо интизорӣ кашидааст. Дар он муддати мадиди тоқатфарсо, ба ёди дилдодаи худ, аз қабили шеъри зерин бисёр шеърҳои пуршарора навиштааст.

*Бас, ки ниҳодам ба дил доғи таманнои ту,*
*Шӯъла зад аз синаам оташи савдои ту.*
*Гашт чаман ғарқи хун, бас ки зи теғи нигоҳ,*
*Хуни асирон бирехт наргиси шаҳолои ту.*
*Ҷоми сабуҳӣ биёр, ваъдаи фардо макун,*
*Нест маро тоқати ваъдаи фардои ту.*
*Дар назарат меравад умри кировӣ ба бод,*
*Оҳ, чӣ шуд, Махфиё, дидаи бинои ту!*

Маълум аст, ки шарораи шеъри Зебуннисоҳоро шамоли шароракуши он шабҳои торики Шарқ хомӯш карда наметавонист. Вале, афсӯс, ки оҳи духтарони мазлума ба дили падарони ҷоҳил ва хурофотпараст таъсир намебахшид. Занон, гарчи нисфи башариятро ташкил медоданд, ҳамаи иродаашон аз рухсат ва розигии мардон оид буд. Занон дар ихтиёри худ набуданд.

Зебуннисо низ, дар ҳақиқат, аз муҳити чунон зиндагонӣ норозӣ ва гирифтори ғаму андӯҳ буд. Дарди дили худро фақат бо шеър тасаллӣ медод.

*Ба сони абри найсонӣ зи ашки дидаи ҳиммат*
*Кашида дар раги ҷон, сад гулистон аз сухан*
*дорам.*

Ин шоираи фозила ва адабаи инсониятдӯст шикояти мазлумонро аз дунё ва аз гардиши рӯз-гор бо якчанд шеърҳояш ифода намудааст. Бе-раҳмии асҳоби истибдод, ғорат ва яғмоҳоро вай ҳамчун як шоираи ҳологоҳ мушоҳида менамуд. Шоира, роҷеъ ба чунон вазъият ва истибдоди мутлақа дар яке аз шеърҳояш бо унвони «Ҷафоҷӯ ва ситамгор» шеъре навиштааст (гумон меравад, ки падари худро дар назар доштааст). Он шеърро мисол меоварем:

*«Фиғони булбулон имшаб ба ҳар гулшан асар*
*дорад,*
*Магар дарду алам оҳе зи дунболи саҳар дорад?*
*Ба кини ман камтар баста магар ин бахти*
*баргашта,*
*Ки аз рӯзи дигар ҳар рӯз ҷонамро батар дорад?!*
*Гаҳе парвона месӯзад, гаҳе шамъ аз ҷудоиҳо,*
*Ба олам ҳар киро бинӣ ту, доғе дар ҷигар дорад.*
*Ба ҷонам кай шавад ҳосил ба осонӣ, ки шуд умре,*
*Ситам аз рӯи қудрат даст бо ман дар камар*
*дорад.*
*Магар чашм аст сар то пои ин чархи*

*чафопеша,*
*Ки ҳар ҷо меравам ин какниходам дар назар*
*дорад?!*

*Ҷафоҷӯё, ситамгоро, ҳазар аз оҳи мазлумон,*
*Ки тири оҳи мазлумон, ниҳон, дар санг*
*асар дорад!*

Тарафи гаронбаҳои ашъори ин шоира он аст, ки бо ҳамаи азоби рӯҳӣ, маҳрумиҳо, шуҷоат ва озодфикрӣ ва умедвориро аз оянда, инъикос менамояд. Вай ба содиқони роҳи мақсуд, инчунин ба худаш барои ояндаи умедбахш хитобан мегӯяд:

*Баст агар, Махфӣ, дари гулшан ба рӯят*
*боғбон,*
*Бар умеди дидани гул дар паси девор бош!?*

Инчунин боз дар шеъри дигаре мегӯяд:

*Чанд рӯзе бо ғаму меҳнат бисозу лаб бубанд,*
*Ҳеҷ неше нест, Махфӣ, к-аз паи он нӯш нест!*

* * *

Зебуннисо чуноне ки зикраш дар фавқ рафт, барои такмили дониши худ ҳаракат менамуд. Вай илмҳои одобу ахлоқ, мантиқ ва назми бадеӣ, ҳусни хат ва ғайраро омӯхт.

Мероси адабии Зебуннисои устоди каломи бадеӣ он қадар бузург нест. Аз вай фақат як девон боқӣ мондааст, ки қариб 8.000 мисраъ шеърро дар бар мегирад. Қисми асосии девони маз-кур аз ғазалҳои ниҳоят ҳассосона ва моҳи-рона навишташуда иборат мебошад. Ғайр аз ин ғазалҳо боз 7 қасида, 5 тарҷеъбанд ва як Мухаммас дорад. Зебуннисо «Зебул-тафосир» ном асаре низ навиштааст.

Ғазалҳои шоира Зебуннисо на танхо хусусияти ишқӣ-ҳиссӣ доранд, балки метавон гуфт, ки ойинаи рӯҳи замони худанд, яъне рӯҳ ва мақсади одамони азобдидаро, рӯҳ ва амалҳои салтанатдорон ва зимомдорони мамлакат ва набзи замонашро инъикос намудааст.

Масалан ин ғазали шоирaро гирем:

*Сад таъна бар оташ зада дуди нафаси мо,*
*Эй вой, агар сабр набудӣ қафаси мо,*
*Гар замзамаи мо шунавад санг, шавад нарм.*
*Андар дили пурдард – садои ҷараси мо!*
*Кардем басе аз ситаму ҷаври ту фарёд,*
*Ҷуз гиря нашуд ёд, зи фарёдраси мо...*
*Аз дида шаби ҳаҷр зи бас хуни ҷигар рехт,*
*Шуд рашки гулистони Ирам мушти хаси мо,*
*Гар оҳ кашад аз ҷигари сӯхта Махфӣ,*
*Оташ ба дили баҳр фитад аз нафаси мо.*

Ғазали дигараш:

*Моему гиряе ки тӯфон мусоҳиб аст,*
*Миҷгони дидае ки ба марҷон мусоҳиб аст.*
*Хоҳӣ ҳарир бистару ё хоҳ бӯрё,*
*Паҳлуи бахти мо ба магелон мусоҳиб аст*
*Нозам ба сабру ҳавсалаи дил, ки умрҳост*
*Аз тангнойи сина ба азҳон мусоҳиб аст...*
*Махфӣ, зи сӯзи оташи ишқи ту, солҳост*
*Бо ман хамин ду дидаи гирён мусоҳиб аст.*

Ҷиҳати дигаре ки дар эҳсосоти бадеии Зе-бун-нисо дида мешавад, баландҳимматиро ва ғамхори мазлумон буданро тарғиб мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки барои аз ҳоли ғамдидагон хабардор будан, бояд одам бо ғами онҳо чуноне ки худи онҳо ошно бошад. Бояд инсон дар роҳи мақсад, манфиати халқ, дар вақти меҳнат ва сахтиҳо мардона бошад.

*...Ҳар куҷо базми мусибат гарм гардад дар*
*ҷаҳон,*
*Дар такаллум булбулу дар сӯхтан парвона бош!*
*Нола дар ҳангоми меҳнат кардан аз*
*дунҳимматист,*

*Нест як сон кори олам, Махфиё, мардона бош!*

Зебуннисо кори оламро, сахтиҳо ва душво-риҳоро гуногун ва тағирёбанда мешуморад. Вай баояндаи некиовар ва хушӣ расонанда бовар мекунад. Вай ҳоли дили аламдидагонро баён намуда, ба қувваи ғазаби онҳо аҳамияти бузург медиҳад, касони бераҳм ва ҷафопешаро таъкид менамояд, ки аз чунин қувва ҳазар накардан ва онро ба эътибор нагирифтан мумкин нест.

*...Ту бераҳму ҷафоҷӯӣ, мани озурда метарсам,*
*Ки оҳи синаи маҷрӯҳ пайкон дар багал дорад.*
*Ду чашмам гиряолуду дилам чун бед меларзад,*
*Ки ашки дардмандон мавҷи тӯфон, дар багал*
*дорад.*

*Гули ҳар бӯстонеро, ки бинӣ, зери пироҳан*
*Гулистоне зи доги яъс, пинҳон, дар багал дорад.*
*Зи оҳи сарди мазлумон ҳазар, золим, намедорӣ?*
*Ба заҳр олуда пайконхои паррон дар багал*
*дорад!*

Зебуннисо, илова ба ҳамаи хислатҳои неки худ ва хайрхоҳи халқ буданаш, тарафдори ба ҳамкорон ва ба дӯстон ёрӣ расонидан аст. Дар шеърҳои ҳиссии вай борҳо ин фикр такрор ёфтааст.

Вай мегӯяд, ки одам, агар аз дасташ кор ояд, бояд аввал ба ёронаш ёрӣ расонад. Зебуннисо аз гирифторӣ ба доми ҳавою ҳавасе ки ба шахс такаб-бур пайдо мекунонида бошад, боздорӣ менамояд. Вай мегӯяд: ҳавою ҳаваси такаббур туро аз ҳамнафасонат бегона мекунад.

*Эй дил, асири доми ҳавою ҳавас мабош,*
*Ғофил зи ёди ҳамнафасон як нафас мабош!*

Шоира дар дар як шеъри худ қадру қимати ҳунарро хеле баланд мебардорад. Дар айни ҳол, вай, дар он аср хор шудани ҳунарро тасвир мекунад. Одами зардор чандон ҳунаре надошта бошад ҳам, аз боҳунар дида обрӯмандтар аст, – мегӯяд шоира. Вай изҳори афсӯс мекунад, ки ба одами маърифатдӯст ва инсофпеша, он вақтҳо чандон эътиборе намедодаанд.

*Равнаки гулзори фикр боди ситам бурдааст,*
*Рафт ба боди фано он сару сомони ӯ!*

Бояд қайд намуд, ки Зебуннисои хирадманд аз ҳар ҷиҳат инсони комил буд. Ин шоираи бузург дар хусуси муносибати шакл ва мундариҷа (мазмун) дар санъати нутқ ва дар назму наср фикри хеле дурустро изҳор кардааст. Ба фикри вай, шеър агар пурмазмун набошад – ҳеҷ аст. Шеър бояд маънан пурқувват бошад, вале шаклан ноқис ҳам набошад:

*Шеър бувад ҳамчу тан, маънии ӯ – ҷони ӯ.*

мегӯяд шоира. Вай машаққати шоиронро нисбат ба шеър дар назар дошта мегӯяд:

*Ранҷ басе бурдаанд, то ки ба нируи ақл*
*Пай ба сухан бурданд қофиясанҷони ӯ.*

Аз байни занони мазлума, дар чунон давраи кулфату азоб, ба арсаи адабиёт омадани чунин шоира, монанди он аст, ки гӯё дар осмони тира ситорае дурахшида ва қирон карда бошад.

* * *

Зебуннисо дар соли 1048 ҳиҷрӣ таваллуд ёфта ва дар дар соли 1113 аз ҳаёт чашм пӯшидааст. Қабри ин шоираи мукаррама дар Деҳлӣ мебошад.

Афсӯс, ки тазкиранависон дар бораи Зебуннисои машҳури Ҳинду форсу-тоҷику Арабу Аҷам хеле кам маълумот додаанд.

## ШОИРА ЗИНАТУННИСО

Ин духтари хуштабъ ва адабиётдӯст хоҳари хурдии Зебуннисо мебошад. Аз рӯи нишондоди баъзе маъхазҳо, вай ҳам мисли хоҳаркалони худ, ба илмомӯзӣ ва шеърнависӣ ҳавас ва машғулият доштааст. Вай соҳиби саводи хуб, каломи ширин буда, дар шеъргӯӣ маҳорат дошта, аксар вақт дар сӯҳбатҳо бо Зебуннисо, мушоара мекардааст.

Афсӯс, ки он замони пурмашаққат, Зинатуннисоро ҳам чуноне, ки Зебуннисоро, озод намегузошт.

Аз рӯи тасдиқи баъзе таърихнависон, маълум мешавад, ки худи Зинатуннисои ширинкалом низ, шеърҳои ҳиссӣ-ишқӣ ва иҷтимоӣ навиштааст. Дар хусуси соли таваллуди ин шоира чизе нанавиштаанд. Аммо, дар соли 1122 ҳиҷрӣ вафот карданаш қайд гардидааст. Ин шеъри зайлро ба вай нисбат медиҳанд:

*Тоза месозад гули пажмурдаро номи сабӯҳ,*
*Рӯҳ мебахшад равони мардро номи сабӯҳ,*
*Баҳри сайди андалебон эҳтиёҷи дом нест,*
*Дар гулистон барги гул шуд ҳалқаи*
*доми сабӯҳ.*

*Ғунча!*
*То кай хоби ғафлат?*
*Гӯшаи чашме бимол!*

*Дида равшан мекунад дар боғ пайғоми сабӯҳ!*
*Аз фурӯғи рӯи шабхезон ба сони офтоб,*
*Нур мебoрад чу борон бар дару боми сабӯҳ,*
*Бодаро лабрез кун соқиву бар майхорагон,*
*Турфатул-айне бувад огозу анҷоми сабӯҳ.*

Қабри ин шоира дар шаҳри Шоҳиҷаҳоно-боди Ҳиндустон мебошад. Маълумоти аз ин муфассалтаре ба назар нарасид.

## ШОИРА БУЗУРГИИ КАШМИРӢ

Бузургӣ дар асри ҳукмронии Ҷаҳонгиршоҳи муғул (солҳои 1618-1646) зиндагонӣ кардааст. Бу-зургӣ дар авоили номбарориаш раққосаи хуш-овоз ва бомаҳорат будааст. Вай раққосае ва сурудсарояндае будааст, ки дар байни халқ бо санъати худ хурмати сазоворе доштааст. Дар шароитҳои бадгӯиҳои аҳли хурофот, хусусан табақаҳои болоии рӯҳониёни оташдиҳандаи иғвоҳо, ки намехостаанд аз аҳли санъат зане дар байни халқ мӯҳтарама бошад. Бузургӣ баъд аз муддате маҷбур мешавад, ки аз касби санъати худ сарфи назар намояд. Яъне Бузургӣ, чун яке аз санъаткорон касби санъаткори халк будани худро тарк менамояд.

Бузургӣ баробари моҳираи санъати рақс ва сурудхонӣ буданаш, соҳиби табъи баланди назм буда ва шеърҳои равону пурмаънӣ менавиштааст. Мегӯянд шеърҳои вай, дар хеле мамлакатҳои Ҳинду форс. арабу тоҷику туркистон забон ба забон интишор ёфтааст.

Бояд дар натиҷаи интишор ёфтани номи Бу-зургӣ ба воситаи санъати хусусан назмиаш бошад, рӯзе чанд нафар аз шоирони ҳамсоямамлакатҳо ба манзили Бузургӣ меоянд, вале шоира бо кадом сабабе, онҳоро ба назди худ қабул накардааст. Як нафар араббача ба назди шоира рухсати қабул меёбад, то ки ихлоси шоирони интизорро арз намояд. Лекин шоироне, ки зиёрати Бузургиро мехостанд, бо он араббача, рубоие навишта, барои манзури назараш тақдим доштаанд. Рубоии мазкур ин тавр иншо ёфта буд:

*Эй шеваи куфру дин ба ҳам сохтаӣ,*
*Ғамро ба вуҷуди худ адам сохтаӣ.*
*Осори бузургӣ аз ҷабинат пайдост,*
*Гаҳ бо Арабу гаҳ ба Аҷам сохтаӣ.*

Аввало, бояд қайд намуд, ки худи ҳамин рубоии шоирони аз мамлакатҳои ҳамҳудуд барои зиёрати шоира омада, исботи он аст, ки шоира бо шеърҳои худ шӯҳрат доштааст. Шоирони хостгори мусоҳибаи шоира, хислатҳои ҷамили шеърҳои шоирарo дар рубоии фавқ бо соҳибҷамолии худи вай низ хостаанд қаробате диҳанд. Аз ин ҷиҳат пай бурдан душвор нест, ки гурӯҳи соҳибнуфузи хурофии он давра, дар ҳаққи эҷодиёти ин шоира зулм намуда, чораҳоеро дидаанд, ки аз осори адабии вай мумкин қадар чизе боқӣ намонад.

Ба мавзӯи мақсад бармегардем. Меҳмонони интизори дарёфтани сӯҳбати Бузургӣ ҳатман чашми умед доштанд, ки шоира рубоии мӯъта-қидона навиштаи онҳоро бе ҷавоб нахоҳад гузошт. Дар воқеъ Бузургӣ ҷавобе навишта, ба онҳо мерасонад, ки қобили тақдир аст:

Рубоии ҷавобан навиштаи Бузургӣ ин аст:

*Рӯзе ки ниҳодем дар ин дайр қадамро,*
*Гуфтем салоест Араброву Аҷамро.*
*Гаштем дар ақсову накӯном дар афвоҳ*
*В-охир бигирифтем яке кунҷи ҳарамро.*

Шоирони меҳмони интизори дидани дидори шоира, аз рубоии мазкур мутаассир шуда, ба ватани худ бармегарданд.

Бузургӣ шоираи мумтози санъати сухан, тан-бӯрнавоз ва раққосаи моҳир буд. Шеъраш, рақс ва санъати мусиқиаш барои халқ буд. Вале, дар натиҷаи иғвогариҳои пастфитратоне, ки мад-доҳони гурӯҳи ҳукмрони он замон буданд, шоира дар охир гӯшанишинӣ ихтиёр карда ва аз ин сабаб азоби рӯҳӣ мекашад. Вай дар байти зерин ин азоби рӯҳии худро инъикос намудааст:

*Мӯ ба мӯ дар нолаам, гӯё ки устоди азал*
*Риштаи ҷонам ба ҷои тор дар танбӯр баст!*

## ШОИРА НУРҶОН-БЕГИМ

Ин шоира духтари Эътимодул-давлат, зав-ҷаи Ҷаҳонгир-шоҳ Мирзо-Салим буда, дар Ҳиндус-тон зиндагонӣ кардааст. Номи дигари Нурҷон-бегимро – Нури Маҳал буд, гуфтаанд. Достони манзум ва машҳури «Лоларух», ки муаллифаш Муур ном шоири ҳинду мебошад, ба Нури Маҳал (Нурҷон-бегим) бахшида навишта шудааст.

Мегӯянд, Нурҷон-бегим дар натиҷаи ба худ эрка ва густох кардани шавҳараш, хеле хурдагир ва серноз гардида, дар табиаташ ғазаб ва баъзан хислатҳои фитначӯӣ пайдо гардидааст.

Дар масъалаи то чӣ андоза қувваи шеърӣ доштани ин шоира, чунин мисоле оварда шудааст. Рӯзе, Ҷаҳонгир-шоҳ бадоҳатан ба Нурҷон-бегим ин байтро гуфтааст:

*Туро, ки тугмаи лаъл аст бар либоси ҳарир,*
*Шудаст қатраи хуни манат гиребонгир?!*

Нурҷон-бегим аз он ҷо, ки хеле густоҳ шуда буд, дар ҷавоб кадом як сухани бемулоҳизае мегӯяд, ки шоҳ он суханро чӣ тавре мефаҳмад ва сахт meранҷад. Эҳтимол дар таҳти таъсири кайфи шароб бошад, шоҳ ба Нурҷон-бегим мегӯяд: «Ту мустаҳиқи ҷазои сахттарин ҳастӣ». Нурҷон-бегим фил-фавр, узрхоҳона ба ин як байт ҷавоб мегардонад:

*Ба қатли чун мане гар хотират хушнуд*
*мегардад,*
*Ба ҷон миннат! Вале теғи ту хунолуд*
*мегардад!*

Бо лутфи чунин сухан, узраш пазируфта ва гуноҳаш бахшида мешавад.

Шеърҳои дигари ин шоира ҳанӯз ба даст наомадааст.

Мегӯянд, ин шоира ба забони форсӣ хеле шеърҳо навиштааст. Вай дар соли 1055 ҳиҷрӣ, пас аз 18 соли вафоти шавҳараш, дар синни 72 солагӣ, дар шаҳри Лоҳур вафот ёфтааст.

## ШОИРА ЗӮҲРО

Ин шоира ва мутрибаи наҷиба аз диёри Лакҳануи кишвари Ҳинд буда, вале соли таваллуд ва соли вафоташ маълум нест. Тазкиранависон, чуноне ки дар бораи аҳволи иҷтимоии шоираҳои бисёре, дар бораи аҳволи иҷтимоии Зӯҳро низ, ғайр аз баъзе сифатҳои хуб ва фазилаташ чизе баён накардаанд.

Зӯҳро, дар замони худ, дар мусиқинавозӣ ба сифати як мутрибаи боистеъдод шӯҳрати сазоворе пайдо кардааст. Вай зани мактабдида, хеле хушхату босавод будааст.

Дар баробари ҳамин, тавсиф мекунанд, ки Зӯҳро табъи закӣ ва зеҳни баланд доштааст. Вай бо тахаллуси Зӯҳро ба забони форсу-тоҷик шеърҳои салис ва завқбахш менавиштааст.

Афсӯс, ки аз он ашъораш ҳанӯз нусхаҳои мар-бут ба даст наомад. Метавон қайд намуд, ки онҳое ки дар васфи ин шоира сухан рондаанд, фақат аз се ғазалаш, он ҳам бошад, аз ҳар кадоме як байтӣ намуна овардаанд.

*Ҳай-ҳай чи беҳаёст, ки дар пеши мардумон,*
*Парвонаро ба базм багалгир кард шамъ...*

* * *

*Рафта-рафта то ба ҳолам меҳрубон гардад*
*табиб,*
*Ин ҷароҳатҳо, ки ман дорам, кухан хоҳад*
*шудан...*

* * *

*Хабар аз ман кӣ барад то ба ғуломи бобо,*
*Зӯҳра дар базми ғазал тоза навое дорад!..*

Аз худи ҳатто ҳамин се байт маълум аст, ки ин шоира дар шеърнависӣ соҳиби салиқаи бадеие будааст. Чунончи дар байти якӯм густохии «шамъ»-ро (маъшуқаро), нисбат ба «парвона» (ошиқ) бо нигориши нуктасанҷона ва бадоҳатан хеле аҷиб тасвир кардааст. Дар байти дуйӯм, муо-личаи ҷароҳатҳои дилашро, дар замони худ, имконнопазир дониста, дар симои маъшуқ аз муҳити зиндагиаш шикояти раҳмоваронае намудааст. Дар байти сейӯм бошад, Зӯҳро аз дурии маъшуқаш, дар базм ғазалсарой̣, навои ҳази-нона мекунад.

Бо вуҷуди он, ки аз шеърҳои ин шоира ва мут-рибаи мусиқинавоз хеле кам боқӣ мондаанд, ба ин ки вай соҳиби табъи баланд будааст, шубҳае нест.

## МОҲЛИҚОИ ҲАЙДАРОБОДӢ

Ин шоираи бозаковат аз занони фазилатноки Ҳайдарободи Ҳиндустон ва номи аслиаш Чандопарӣ будааст, ки тарҷимааш Моҳлиқо мебошад. Ин номро, баъзе мегӯянд, ки ба Чандопарӣ ҳамчун лақаб додаанд, зеро вай духтари хеле соҳибҷамол будааст.

Моҳлиқо, баъдҳо бо ашъори худ шӯҳрат пай-до кардааст. Аз намунаи шеърҳои вай низ, он чи бо ҷустуҷӯӣ ба даст оварда шуд, дар зайл дарҷ намудем.

**РУБОӢ**

*Ба рӯзи хашри илоҳӣ, чу номаи амалам*
*Кунанд боз, ки он рӯз бозхоҳи ман аст;*
*Бикун муқобила онро ба сарнавишти азал,*
*Камиву бешӣ агар бошад, он гуноҳи ман аст*

**БАЙТ**

*Гаронӣ мекунад бори табассум лаъли ҷононро,*
*Ки он лаб аз назокат бар-надорад сурхии понро.*

Сарфи назар аз як байти ошиқона, мазмуни рубоӣ албатта, аз рӯи эътиқодот шикастанафсона ва динӣ аст.

## ШОИРА ЛОЛА-ХОТУН

Лола-хотун духтари Муҳаммад-Қутбиддин, аслан аз вилояти Кирмон аз кишвари Эрон буда, чандин сол сардории хукумати вилояти мазкурро ба зиммаи худ қабул кардааст. Вай дар ин давра илму адабро ривоҷ дода, аҳли фазл ва ҳунарро ҳурмат кардааст. Худи Лола-хотун шоира буда ва шеърҳои зарифона навиштааст.

Ду-се намуна аз шеърҳояш ба назар расид, ки ин ҷо дарҷ намудем.

**РУБОӢ**

*Ман он занам, ки ҳама кори ман накӯкорист,*
*Ба зери миқнааи ман басе кулаҳдорест.*
*На ҳар зане ба ду газ миқнааст кадбону,*
*На ҳар саре ба кулоҳе сазои сардорист.*

Дар ин рубоӣ шоира Лола-хотун некӯкориҳои худро зикр намуда, дар баробари ҳамин, дар мисраи дӯйӯм бо фазилати худ ифтихор менамояд. Дар он давраҳо сифати «кулаҳдор» будан на фақат барои аъёну ашроф, балки ҳам барои онҳое ки даъвои фазл ё даъвои мардонагӣ менамуданд – мусовӣ буд.

Дар байти дуйӯми ин рубоӣ, Лола-хотун «на ҳар зане ки либоси сарикитфӣ ба тан гирад, даъ-вои кадбонугӣ карда метавонад ва на ҳар мар-де ки соҳиби кулоҳ аст, сазовори сардорист», – мегӯяд. Яъне ин гуфтаи вай рамзи онро дорад, ки сиёсатдорони бемағз, лофгӯй ва худпарасти замонашро танқид кардааст.

Дар ин масъала, барои замонаш, дар воқеъ ҳақ ба ҷониби шоира буд, зеро олимони рас-ман «кулоҳдор», вале бемағз ва муфаттин, ҳақи-қатбадбин ва хурофӣ, инчунин, ҳукмдорони «кулоҳдор» вале беадолат, мутакаббир ва худсито кам набуданд.

**БАЙТ**

*Ман агар тавба зи май кардаам, эй сарви сиҳӣ,*
*Ту худ ин тавба накардӣ, ки маро май надиҳӣ!*

Лола-хотун, дар ин байт, аз рӯи равияҳои изҳори муҳаббати лоуболона ба маъшуқи худ, як дараҷа ошиқ будани худро изҳор менамояд. Вай ба маъшуқи худ: «Ман, ки аз нӯшидани май тавба кардаам, ту ки аз май надодан ба ман тавба накардаӣ, пас тавбаи ман чӣ шуд?! Яъне тавбаи ман низ ломаҳола барбод рафт!», – мегӯяд. Вай ин фикрро суханварона, на бо густохии дағал, балки бо густохии хеле латиф, ба унвони маъшуқаш изҳор мекунад. Бешубҳа устоди зарифтабъи санъати сухан будани Лола-хотун аз байти мазкур низ зоҳир аст.

**РУБОӢ**

*Бас гусса, ки аз чашмаи нӯши ту расид,*
*То дасти ман имрӯз ба дӯши ту расид.*
*Дар гӯши ту донаҳои дурр мебинам,*
*Оби чашмам магар ба гӯши ту расид?!*

Дар ин рубоӣ низ ба услубҳои шеърнависии бузургони назм на фақат тақлид кардан, балки хеле қобил будани шоира худ аз худ маълум аст.

Аз рӯи тавсифоти маъхазҳо, Лола-хотун, гӯё шеърҳои бисёре ҳамчун маҳсули табъи баланди худ боқӣ гузоштааст. Бояд қайд намуд, ки аз шеърҳои вай фақат ҳамин ду рубоӣ ва як байт боқӣ мондаанд.

## ИФФАТИИ ИСФАРОИНӢ

Аз музофоти Исфароини Хуросони замонҳои гузашта, шоираеро тавсиф менамоянд, ки дар табъи шеър ва бадеҳагӯӣ дар байни халқ шӯҳрати шоёне доштааст. Афсӯс, ки дар бораи дар кадом аср зиндагонӣ кардани ин шоира, маълумоти муфас-сале нест.

Иффатӣ адибаи форсу-тоҷикзабон ва соҳиби шеърҳои хеле дилрабо будааст. Ин ду рубоии зайл аз они ӯст:

* * *

*Эй боғи лолазор, гулистони кистӣ?*
*Бо ёди рӯю зулфи парешони кистӣ?*
*З-ин гуна сабзу сурх, ки пӯшидаӣ қабо,*
*Ҷон дар хавои сабзаю райҳонӣ кистӣ?*

* * *

*Ҳурмати ишқро, бевафо риоя накард,*
*Дили хунгаштаи маро риоя накард.*
*Чун ба базми чаман гузашт, зи ман бигзашт,*
*Иффати гунчаро, сабо риоя накард.*

# АСРИ XIX

## ШОИРА ТОҶУДДАВЛАТ

Шоирае, ки дар байни халқи тоҷик қариб баробари Зебуннисо, овоза ва хурмат дорад, Тоҷуддавлат мебошад. Чуноне ки соҳибони таълифи чанде маъхазҳо баён кардаанд, ин шоира низ дар давраи зиндагонии худ шеърҳо ва рубоиҳои бисёре навиштааст. Аз ҳамаи эҷодиёти вай фақат як ғазали машҳураш ба мо дастрас гардид.

Тоҷуддавлат аслан, аз Ғарм, аз доираи мамла-кати Тоҷикистони мо мебошад. Ба қавле, вай, ба дарбори яке аз шоҳони Дарвози Тоҷикистон оварда шуда будааст. Шоҳони Дарвоз бошанд, аз аввалҳои асри XIX, яъне аз солҳои 1812, то охирҳои асри мазкур, то солҳои 1877 ҳукмронӣ кар-даанд. Бинобар ҳамин мо, Тоҷуддавлатро дар қатори шоираҳое, ки дар асри XIX-ӯми милодӣ ҳаёт дидаанд, гузаронидем.

Дар нақлҳои забонӣ (ғайрикитобӣ) Тоҷуддав-латро духтари Исмоил-шоҳ (солҳои ҳукмрониаш 1845 – 1863) ва модари Музаффар-шоҳ буд, – мегӯянд. Музаффар-шоҳи мазкур дар солҳои 1284 ҳиҷрӣ (1867 милодӣ) шоҳи мулки Қаротегин будааст. Ғармро, чуноне ки маълум аст, Қаротегин низ меноманд.

Яке аз ғазали Тоҷуддавлатро дар зайл навиш-тем. Ин ғазалро бо сози мусиқӣ ҳофизони халқи тоҷик мехонанд.

*Агар ба бод диҳам зулфи анбаросоро,*
*Ба доми хеш кашам оҳувони саҳроро,*
*Агарчи кабкхиромам, валек шаҳбозам,*
*Ба пои ман нарасад даст ҳеҷ анқоро.*
*Агар ба талъати хубам назар кунад Юсуф,3*
*Дигар ҳавас накунад дидани Зулайхоро.4*
*Агар ба наргиси шаҳлои хеш сурма кашам,*
*Сияҳ кунам ба ҷаҳон рӯзгори Лайлоро.5*
*Ба ними ғамза тавонам, ки мурда зинда кунам,*
*Хабар диҳед зи эъҷози ман Масиҳоро...6*
*Чу Тоҷиддавла нишон шуд, зи хубрӯёнам,*
*Сабо зи толеи ман мужда диҳ шаҳаншоро.7*

Баъзеҳо як байти охирини ин ғазалро ба Зе-бун-нисо нисбат дода, бо тахаллуси вай, ки «Махфӣ» буд, чунин мехонанд:

*Миёни халқ аз он шӯҳра гаштаам Махфи,*
*Асири хеш кунам ошиқони шайдоро.*

Ин, албатта, хатост. Ин шояд тасодуфест, ки баъзан, бо одати котибони мӯътақиди табъи шеър дошта, зоҳир гардидааст. Баъзе аз котибони китобаткунанда ва нусхабардорандаи ашъор ва ё девони шоири машҳуре ба шеърҳои ӯ, байте, рубоие, ҳатто ғазале аз худ навишта, илова мекарданд. Онҳо аз ҳайси мафтуншавӣ ва эътиқоди худ ба соҳиби асар, ин тавр мекарданд. Ин «нишонае» ё «тӯҳфае» аз ман ба хотири рӯҳи бузурги соҳиби асар аст мегуфтанд. Хоса, дар он давраҳое, ки матбуоти расмӣ бояду шояд интишор надошт ва котибе шеъри дилпазире мегуфт ва медонист, ки бо як ё якчанд шеъри чоп нашудааш ӯро касе ҳамчун шоир нахоҳад шинохт «бигзор, ин шехр аз ман ба шарофати номи ин шоири шӯҳратманд нишона монад, ё бо созҳои ҳофизон ҷӯр шавад ва халқ шунавад» – мегуфт. Чунин шеърҳои «мӯътақидона» бахшидашуда, дар китобҳо, албатта, аз асли нусха чи услубан ва чи аз ҷиҳати бадеӣ ва тарзи тасвир доимо фарқ карда меистоданд.

Бояд гуфт, ки ин як байт шеър агарчи аз ҷи-ҳати шеърият он қадар пастсифат нест, бо вуҷуди муносибати вазнӣ ва қофиявӣ доштанаш, на ба услуби Зебуннисо ва на Тоҷуддавлат монанд нест. Хусусан, ки чунин байте на дар девони Зебуннисо ва на дар дигар нусхаҳо қайд нашудааст.

---

3 *Юсуф* – мурод аз Юсуфи мисрист, ки маъшуқи Зулайхо буд.

4 *Зулайхо* – мурод аз Зулайхоест, ки маъшукаи Юсуф буд.

5 *Лайло* – маъшуқаи Маҷнунро дар назар дорад.

6 *Масиҳо* – мурод аз "Исто-руҳуллоҳ" гӯё бо эъҷоз мурдаро зинда мекардааст. Ба Масиҳоро Мӯсо мефаҳманд, ки нодуруст аст. Мӯсо – «Мӯсо» – калимуллоҳ буд, гӯё дар Тур бо худо роз мегуфтааст. Аз ин ҷиҳат ӯро лимуллоҳ» гуфтаанд.

7 Дар нусхаҳои дигар ин мисраъ чунин
*Сабо, зи накҳати ман мужда диҳ*
*«Сабо зи рафъати ман мужда диҳ*
*«Сабо зи хубии ман мужда бахш*

Ҷолиби диққат аст, ки ҳамин шеъри Тоҷуддавлатро бо даъвои шоирӣ ва тақлид, бо даъвои ин, ки «ман ҳам монанди Тоҷуддавлат табъи баланд дорам», бо ҳурмат ва эътиқод ва шавқу зав-қи баланд. Салоҳӣ ном шоире мухаммас намудааст. Яъне, бо инкишоф додани мазмуни ҳар як байти Тоҷуддавлат, шоири бомаҳорат Салоҳӣ, ба ҳар як байт се мисраи дигар аз худ ҳамроҳ карда ва онро панҷмисраӣ намудааст. Ин шаклро «Мухаммас» меноманд. Мухаммас, албатта, ибо-рат аз чандин банд хоҳад буд, вале ҳар банди он бояд панҷмисраӣ бошад. Мухаммас, мумкин аст аз аввал то охир, аз тарафи худи як шоир ҳам навишта шавад.

## МУХАММАСИ САЛОҲӢ БАР ҒАЗАЛИ ТОҶУДДАВЛАТ

*Қади ман аст ба олам фиканда гавгоро,*
*Куҷо бувад масалам дилбарони раъноро?!*
*Ҷамоли ман ба ҷаҳон рехт шӯри савдоро,*
*Агар ба бод диҳам зулфи анбаросоро,*
*Ба доми хеш кашам оҳувони саҳроро.*

* * *

*Манам, ки рашки басе дилбарони моҳвашам,*
*Мисоли нуқраи хомам, ки нест ҳеҷ гашам,*
*Зи ҷоми хусн ба ҳар ишвае шароб чашам,*
*Агар ба наргиси шаҳлои хеш сурма кашам,*
*Сияҳ кунам ба ҷаҳон рӯзгори Лайлоро.*

* * *

*Агар ба маҷлиси ушшоқ майли ханда кунам,*
*Ва ё ки майли суханҳои дилбаранда кунам,*
*Зи лутфи худ ҳамаро мустадом банда кунам,*
*Ба ними гамза тавонам, ки мурда зинда кунам,*
*Хабар диҳед зи эъҷози ман Масиҳоро!*

* * *

*Гулам ба гулшани маҳбуб, з-он ҳаменозам;*
*Махам ба бурҷи латофат, ба ҳусн мумтозам,*
*Ки дар самойи малоҳат баландпарвозам,*
*Агар чи кабкхиромам, валек шаҳбозам,*
*Ба пои ман нарасад даст ҳеҷ анқоро!*

* * *

*Ба хотири ҳама – маҳбуб, балки ҷононам;*
*Ба ҷисми мардуми ушшоқ қуввати ҷонам.*
*Салоҳиям, зи салои дил ин ки медонам:*
*Чу Тоҷиддавла нишон шуд, зи хубрӯёнам,*
*Сабо, зи толеи ман мужда диҳ шаҳаншоро!*

Рубоии зеринро, ки дар бораи таърихи сохта шудани Қалъаи Хум мебошад, халк аз муҳаббат ба Тоҷуддавлат нисбат додааст.

*Шаҳ сохт бинои қалъаро дар боге,*
*Офат нарасад ба мевааш аз зоге.*
*Таърихи бинош «Қалъаи Хум» кардам,*
*То бар дили ҳеҷ кас намонад доге.*

Ин шеър дар лавҳаи санге навишта шуда, то ба қарибиҳо мавҷуд будааст. Куҳансолоне ки ҳанӯз ҳаётанд, шаҳодат медиҳанд, ки он лавҳаро бо чашми худ дидаанд ва шахсан он мисраъҳоро хондаанд. Аммо санги мазкур дар вақти сохтани биное, дар таҳти курсии девор мондааст. Худи ҳамон куҳансолон нақл мекунанд, ки онҳо санги мармари дигареро ҳам дидаанд, ки вай ба сари қабри Тоҷуддавлат гузошта шуда, бар он соли вафоти шоирaро навишта будаанд. Вале, ҳоло аз он мазор ва он санг осоре намондааст.

Назар ба гуфтаи тадқиқотчиёне, ки бо омӯх-тани таърихи Дарвоз, Қалъаи Хум ва Қаротегин (Ғарм) машғуланд, дар бораи таърихи шоҳони Дарвоз китобе дастнавис будааст. Аммо ин китоб то ба ҳол ба даст наомадааст.

Мо боварӣ дорем, ки дар натиҷаи тадқиқоти дуруст, он санге, ки рубоии фавқуззикр бар лавҳи он навишта шудагӣ буд ва он китоби дастнавис ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба ин шоираи олитабъи тоҷик тааллуқ доранд, пайдо хоҳанд гардид.

## ШОИРА МАҲЗУНА

Тазкиранависон чунин қайд намудаанд, ки шои-раи илму донишдӯст Маҳзуна дар нимаи аввали асри XIX, дар шаҳри Хӯқанд зиндагӣ карда-аст. Хӯқанд маълум аст, ки дар доираи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Аммо, дар он вақт-ҳо, ин шаҳр пойтахти шоҳи Фарғона Умархон буд.

Тартибдиҳанда ва ҷомеи аслии китоби машҳур «Маҷмуатул-шуаро» шоир Фазлии Намангонӣ тавсиф менамояд, ки: «Маҳзуна ҳанӯз дар ово-ни ҷавонӣ, пештар аз синни балоғат, табъи шеър дошта ва ба забони тоҷикӣ низ шеърҳо навиш-тааст».

Мегӯянд, ки Маҳзуна дар мадрасае таҳсил накар-да, аз овони ҷавонӣ, баъд аз хату савод бароварданаш, ҳамеша ба воситаи худомӯзӣ донишашро такмил дода, асарҳои шуарои бузургро бештар мутолиа менамудааст.

Дар маҳаллаю деҳоти тоҷикнишини Фарғона, инчунин Хуҷанд собиқ (Ленин-ободи ҳозира) то ҳанӯз дар забони халқ машҳур аст, ки: «Маҳзуна аз оилаи шахси Фозили камбағале буда, дар Кони Бодом ва ё дар «Исфара таваллуд ёфтааст ва дар айёми туфулияти вай падару модараш барои истиқомати доимӣ ба Хӯқанд кӯчидаанд». Илова бар он, аз забон ба забон чунин нақл омадааст, ки «Маҳзуна ҳанӯз аз синни 15 – 16-солагиаш ба забони тоҷикӣ шеър менавиштааст».

Нақли фавқуззикр дар забони халқ, албатта, аз ҳақиқат дур нест, зеро дар он замонҳо Кони Бодом ва Исфара яке аз музофотҳои наздик ва тобеи Хӯқанд буд. Ғайр аз он, аз оилаи кам-бағал будани Маҳзуна аз ин ҷиҳат ҳам ба ақл наздик аст, ки вайро падару модараш ба як марди камбағал ба шавҳар медиҳанд. Ҳатто ин тасодуфро Фазлии Намангонӣ бо як шеъри худ тасдиқ мекунад ва он шеър дар «Маҷмуатул-шуаро» дарҷ ёфтааст.

Дар бораи зебоӣ, шоираи баландистеъдод, далер ва донишмандии Маҳзуна, Фазлии Намангонӣ чунин навиштааст.

*Паричеҳра Маҳзунаи бошикеб,*
*Ки шеъри дақиқаш бувад дилфиреб,*
*Зане буд гарчӣ – ба гуфту шунуд,*
*Вале гӯи маънӣ зи мардон рабуд,*
*Вале, он ки бошад ба гуфтан далер,*
*Магӯ зан, бихонаш варо-наррашер.*
*Зи гуфтори ӯ будааст ин ғазал,*
*Ки гардида бар халқ зарбулмасал...*

Фазлӣ баъд аз чунин тавсиф, ин як шеъри Маҳзунаро мисол меорад:

*Наям аз даври чархи вожгун бегонаи саҳбо,*
*Чу хуршед аст доим бар кафам паймонаи*
*сахбо...*

*Аз ин майхона ранги каҳрабоӣ кас намебинад*
*Ба ҳар маҳфил, ки ҷӯшад ҳиммати мардонаи*
*саҳбо.*

*Чароғи давлаташ мушкил, ки мирад аз дами*
*сар-сар,*
*Ба ҷоми ҳар касе афтад агар дурдонаи саҳбо.*
*Набошад саҷдагоҳи бехудон ҷуз тоқи абрӯе,*
*Ки ҳар кас хам кунад сар бар дари «бутхона»-и*
*саҳбо.*

*Гирифторони ҳусни олами маънӣ дигар қавманд,*
*Машав Маҳзуна аз беқудратӣ парвонаи саҳбо.*

Дар «Маҷмӯатул-шуаро» (саҳифаи 466) бори дигар номи Маҳзуна қайд гардида ва дар васфаш шеъри зерин навишта шудааст:

*Чи Маҳзуна? – он бӯстони баён;*
*Чу савсан ба боғи сухан даҳ-забон!*
*Ба майдони шеъраш мапиндор зан,*
*Ки ӯ бурда аз мард гӯи сухан.*
*Мазомин бувад сайди фитроки ӯ,*
*Баланд аст тасхири идроки ӯ.*
*Дар ин як мухаммас аз он арҷманд,*
*Ғизоли маонӣ бувад чорбанд.*

Боз, муаллифи китоби номбаршуда (саҳифаи 501), дар васфи Маҳзуна чунин шеъреро меорад, ки хеле бо самимият ва ҳурмат навишта шудааст:

*Яке фозиде доштӣ духтаре,*
*Хуҷасталиқо – моҳи нек-ахтаре,*

*Ба маънӣ чу Зебуннисо нодира,*
*Ба Хӯқанд машҳураю шоира,*
*Маро карда дар ростӣ имтихон,*
*Ҳаме буд чун номи худ меҳрубон.*
*Ба хатту ба ирсол он рашки ҳур*
*Ба ман дошт гуфту-шуниде зи дур.*
*Тахаллус ба он моҳ Маҳзуна буд,*
*Хаёли баландаш дигаргуна буд...*
*Зи фикру тааммул мани нотавон*
*Ба ӯ ҳар ғазалро, ки кардам равон,*
*Бигуфт он паричеҳра, ҳамчун гуҳар,*
*Ба ҳар байти ман, як ҷавоби дигар...*

Дар баробари ҳамаи ин мисолҳо ба қавли соҳибони таълиф метавон гуфт, ки Маҳзуна ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеърҳои латифу пур-мазмуни бисёре навиштааст. Аммо, доир ба чунин тасдиқот эрод гирифтан мумкин аст, ки ҳатто «Маҷмӯатул-шуаро» аз шеърҳои ин шои-раи бозаковат чи ба забони мисоли зиёде наовардааст, ки шоёни эътирофи фавқулъоддае шуда тавонад.

Аз ҳамаи равияи суханронии Фазлии Намангонӣ чунин ба назар менамояд, ки дар байни ин ҳар ду шоир ва шоира чӣ гуна як муносибати дӯстӣ ва мушоарае будааст. Ба ҳамин муносибат ҳам вақте ки Маҳзунаро падару модараш ба шав-ҳар медиҳанд, шоир Фазлӣ бо аломати афсӯс ва таҳассур ба Маҳзуна шеър навишта мефиристонад ва аз Маҳзуна бо шеър ҷавоб мегирад.

Шоира Маҳзуна, ба сифати як шоираи ба ҳадди камол донандаи забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ба забони ӯзбекӣ низ якчанд шеърҳо ва мухам-масҳо навиштааст. Як ду шеърҳои вай ба забони ӯзбекӣ ба созҳои мусиқӣ ҷӯр карда шуда ва то ҳол суруда мешаванд.

Бе шубҳа, ин шоираи мӯҳтарамаро халқи бародари тоҷик ва ӯзбек баробар ба худ наздик мешуморанд ва дӯст медоранд.

## ШОИРА НОДИРА

Шоирае ки дар Хӯқанд тақрибан 112 сол қабл аз ин, бо тезҳушӣ, шодрӯҳӣ, ҳозирҷавобӣ ва ширинсуханӣ шӯҳрат ёфта буд, ҳамин Ноди-раи фарғонагӣ буд. Ғайр аз ин, тавсифи ҳусну ҷамоли вай низ ба забони ҳамаи аҳолии музофоти Фарғонаи онвақта интишор ёфта буд. Нодираро, Умархон – амири фарғона, ба дарбор оварда, бо вай издивоҷ намудааст.

Мегӯянд, Нодира шоираи некбин ва некукор буда, суханҳояш монанди гулҳо латиф ва аз рангу бӯи маонӣ ва шӯхиҳо бениёз будаанд. Аз вай ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ девони номукаммале боқӣ мондааст. Девони мазкур аз 75 ғазалҳои ӯзбекӣ, 25 ғазалҳои тоҷикӣ ва чандин байтҳои ало-ҳида иборат буда, қариб 1000 мираъ шеърро дар бар мегирад. Ин девон то ҳарфи «Д» расида нотамом мондааст. Онҳое, ки бо омӯзиши эҷо-диёти Нодира машғул шудаанд, аз забони халқ шеърҳои ба ин девон дохилнашудаи вайро пайдо кардаанд, дар асоси он ҳукм мекунанд, ки на ҳамаи ашъори вай дар ин девон дарҷ ёфтааст.

Дар китоби «Таворихи хамсаи Шаркӣ» фақат як шеър аз Нодира нишон дода шудааст, ки он саволу ҷавоби вай (яъне бадеҳаи вай) бо шав-ҳараш мебошад.

Назар ба нишондоди муаллифони «Таърихи Осиёи Миёна ё худ Мовароуннаҳр» Вамбери: «Таърихи Шоҳрух»-и Мулло Ниёз-Муҳаммад ибни Ашӯр-Муҳаммад ва китоби «Таърихи Корӣ Қундузӣ» ин шоира дар соли 1842 ё ки 1843 милодӣ ба таври фоҷиави кушта шудааст. Дар китобҳои мазкур чунин нақл мекунанд:

«Вақте ки амири Бухоро – Насруллохон ба Фарғона ҳамла оварда, пойтахти он – Хӯқандро забт менамояд, хони он ҷо Муҳаммад-Алихон бо ҳамроҳии яке аз хизматгоронаш, ки Девонаи Ҳақгӯй ном доштааст, ба тарафи Кошғар фирор мекунад. Аммо ӯро одамони Амир Насрулло дар асної роҳ дастгир карда, ба назди амири худ бурда ва ба зери пои ӯ сар мезананд. Фармонбардорони Насрулло сари ҳамаи аҳли дар-бори Муҳаммад-Алиро, сарфи назар аз синну солу мансабу аҳволи онҳо, аз дами шамшер мегузаронанд. Дар охир навбат ба писари 14-солаи Муҳаммад-Алӣ, ки Муҳаммад-Амин ном доштааст, мерасад. Вақте ки ҷаллоде аз дасти хонзодаи наврас дошта, барои қатл бурданӣ ме-шавад, дари «Афғонбоғ» (яке аз боғҳои тобис-тонии хони Хӯқандро ин тавр меномиданд) кушода шуда, аз он пиразани нуроние побараҳна ва гесупарешон баромада омада, ба Насрулло мурочиат намуда, бо фарёду фиғон мегӯяд:

– «Ҳой, амир! Агар ба Муҳаммад-Алӣ кина доштӣ, ана ҷасади қурбони кинаат дар пеши поят афтодааст. Ин бачаи норасида чӣ гуноҳ дорад?! Бигзор, зинда монад!»

Насрулло заҳрхандае мекунаду фармони дигаре медиҳад:

«Ин гесу-нобуридаи аҷал расида, бо пои худ омад, гиред бо наберааш оҳиста-оҳиста азоб дода кушед!»

Он пиразан Нодира буд.

Ҷаллод аввал як гӯши муҳаммад-Аминро бурид ва баъд як гӯши Нодираро... Пас аз он, хунолуд тарошида ва дар пеши назараш як дасти набераашро аз тан ҷудо кард...

Шоира, ҳатто, дар чунон ҳолати бо азоби шадид ҷондода-истодан, шеъре гуфтааст, ки як байташ ин аст:

*«...Бу тупроқлар кўзум қони ила минг*
*лолазор ўлса.*
*Бобомдир бу, момомдир бу, отамдир бу,*
*онамдир бу!»*

Чи тавре ки соҳибони таълифи он китобҳо қайд намудаанд, амир Насрулло як ҳафта барои гӯронидани ҷасади шоира, иҷозат надодааст.

Баъзе намунаҳо аз шеърҳои Нодира:

## ИНТИЗОРАМ

*Интизорам бо ту, эй сарвихиромонам, биё!*
*Ҷон ба каф истодаам, бархез ҷононам, биё!*
*Чанд аз нозу тагофул тунд меронӣ саманд?*
*Мардумӣ кун, пой ниҳ дар чашми ҳайронам, биё!*
*Субҳи васли ман чу хуршеди ҷамолат нур*
*дошт,*
*Шоми ҳиҷрон тира шуд, эй моҳи тобонам, биё!*
*Бе ту дар кунҷи надомат дарди ҳиҷрон*
*мекашам,*
*Вораҳон эй сарвиноз аз дарди ҳиҷронам, биё!*
*Чашми хоболуди ман роҳат надорад бе рухат,*
*То бёсояд даме миҷгон ба миҷгонам, биё!*
*Эй баҳори ноз, чун гулҳои бог аз рафтанат*
*Чок-чок аст аз гиребон то ба домонам, биё!*
*Сарви дилҷӯят гар аз гулзор доман мекашад,*
*Дар риёзи ҷӯйбори дида биншонам, биё!*
*Чашми ҳайронам пари товус иншо мекунад,*
*Ҳамчу гул бепарда,эй рашки гулистонам, биё!*
*Бе ту мерезад зи миҷгон ашки ҳасрат Нодира,*
*Хоки поят тӯтиёйи чашми гирёнам, биё!*

## БАНДИ ҚАБО КУШОДАНАТ

*Ойина дог аз гами по ба замин ниҳоданат,*
*Карда хамӯш гунчаро лаб ба сухан кушоданат.*
*Бурда қарору хушро, рехта хуни ашки ман,*
*Омадану гузаштану рафтану истоданат.*
*Бахри ҳалоки ошиқон, расми паривашон бувад:*
*Сабру қарор бурдаву ваъдаи васл доданат.*[8]
*Субҳ ба базми майкашон нашъаи инбисот шуд:*
*Пеши сабу чу ҷоми май дар қадам уфтоданат...*
*Ғолиясой мекунад Нодираро ба бӯйи гул,*
*Ғунчасифат зи пираҳан банди қабо кушоданат.*

## ГУЛИ СУРХ

*Навбаҳор аст, санавбар зада бар сар гули сурх,*
*Тоҷ аз ин шуда бар фарқи санавбар гули сурх.*
*Шишаи гунча лаболаб зи гулоб аст имрӯз,*
*Бас ки шуд об зи шарми рухи дилбар гули сурх.*
*Файзи гулгашти чаман нашъаи дигар дорад,*
*Ҳар тараф гунча сабу дораду согар гули сурх.*
*Муждаи айшу тараб мерасад аз боли баҳор*
*Боз дар саҳни гулистон зада чодар гули сурх.*
*Ҳар куҷо ашк фишонӣ дамад он ҷо гули зард,*
*Ту ба ҳар ҷо, ки ниҳӣ пой, кашад сар гули сурх.*[9]

---

[8] Дар нусхаи дигар ин мисраъ чунин аст:

*«Сабру қарор бурданат, ваъдаи васл доданат».*

[9] Дар нусхаи дигар ин мисраъ чунин аст:

*Навбаҳор омаду рухсораи зебо бинамой,*
*Бас ки дар боғи ҷаҳон гашт мукаррар гули сурх.*
*Сар ба хоки қадами Нодира таслим намуд,*
*Чун нагардад ба чаман соҳиби афсар гули сурх?!*

**ГУЛИСТОН СУРХ**

*Он сарвиноз омад чун нахли арғувон сурх,*
*Аз ҷӯши лолаву гул гардид гулситон сурх.*
*Ҳангоми айшу мастӣ, эй дил, бинӯш бода.*
*Омад баҳору аз май шуд лаъли навхатон сурх.*
*Эй гулбуни латофат, бе арғувони рӯят*
*Ашкам дамад дамодам аз чашми хунфишон*
*сурх.*

*Расмест дилбарон лаб гулгун кунанд аз пон,*
*Аз лаъли дилбари ман гардид барги пон сурх...*
*Ҳарчанд он миёнро аз нозукӣ камар нест,*
*Дорад гарон-камарбанд чун лаъли бар миён сурх.*
*Чун Нодира нанозам бар ҳусни он шакарлаб,*
*К-аз васфи лаъли ӯ шуд дар коми ман забон*
*сурх.*

**ГУЛ РЕХТ**

*То арақ аз рӯйи он гулпираҳан гул кард, рехт.*
*Хуни ҳасрат аз раги миҷгони ман гул кард,*
*рехт.*

*Лола рангин шуд зи домонаш ба ҳангоми хиром,*
*Тозарӯйӣ бар рухи гул дар чаман гул кард,*
*рехт.*

*Боғбони санъ об аз ҷӯйбори лутф дод,*
*То зи нахли қоматаш себи зақан гул кард, рехт.*
*Сурмагун чашмаш ба осори ҳаё то об дод,*
*Шӯхии чашми ғизолони Хутан гул кард, рехт.*
*То ба ҳарф омад даҳони ғунчааш сӯйи рақиб,*
*Дил ба ҷон омад зи рашкам, аз даҳан гул кард,*
*рехт.*

*Дидам он лайлонасаб, маҷнуниям шуд ошкор,*
*Сурати Ширин зи ёди кӯҳкан гул кард, рехт.*
*Ғам надорам Нодира аз мурдан, аммо меҳри ӯ*
*Чашм то бастам, ба домони кафан гул кард,*
*рехт.*

**ГАВҲАРИ ЯКДОНА**[10]

*Эй ғуломи ишқ, то шеъри ту дар Фарғона*
*рафт,*

*Бар хаёлат офарин аз мардуми фарзона рафт.*
*Шеъри мавзуни ту бар самъи сухансанҷон*
*расид,*

*Нашъаи ӯ дар димоғи шишаю паймона рафт.*
*Бар хаёлат офарин, санҷида то гуфтӣ сухан,*
*Ҳар касе бишнид, аз худ беҳуду мастона рафт.*
*Гавҳари назме, ки дар таърихи воло суфтайӣ,*
*Зевари гӯши хирад чун гавҳари якдона рафт.*
*Баъд чандин дафтар аз шеърат ба маҷлис*
*хонда шуд,*

*Офарин бар номи ту аз хеш то бегона рафт.*

---

*«Ҳар куҷо по ниҳӣ з-он ҷой кашад сар гули сурх»*

[10] Ин шеър интихобан гирифта шудааст.

*Аз шунидан гӯши ҷон пур гавҳари шаҳвор шуд,*
*Лоҷарам таҳсини гуфторат ба ҳар*
*кошона рафт.*

*Ин сухан машҳур шуд аз қоф то қофи ҷаҳон,*
*Ҳар куҷо базми маҷолис буд ин афсона рафт.*

## ШОИРА МИРЗО-ФОТИМА

*(Мутахаллис ба «Камина»)*

Адиба, Мирзо-Фотима, духтари Мирзо-Бекбобои Қаробоғӣ мебошад.

Мирзо-Фотима дар 28 моҳи шавволи соли 1309 ҳиҷрӣ, дар шаҳри Шушии Қаробоғ (Озар-бойҷон), таваллуд ёфтааст. Вай дар худи шаҳри Шушӣ таълиму тарбия гирифтааст.

Мирзо-Фотима зани ҷамила, хушхулқуатвор ва соҳиби табъи баланд буда, ба худ (ҳамчун шоира) «Камина» тахаллус интихоб кардааст. Ба чунин унвон ба худ тахаллус қабул намудани вай далели он аст, ки зани табиатан хоксор буда, аз муддаӣ будан ба нафси худ иҷтиноб кар-дааст. Шоирон ва шоираҳои бомаҳорат, дар он замонхо, бо вуҷуди хеле устод будани худ. аз кибру ғурур парҳез намуда, ба худашон тахал-лус-ҳои хоксоронае қабул менамуданд.

Мирзо-Фотима бо вуҷуди шоираи пуристеъдод буданаш, ба худ тахаллуси «Камина» интихоб карда, ба забони форсӣ-тоҷикӣ низ шеърҳо менавиштааст. Ашъори вай пароканда буда, афсӯс, ки дар шакли маҷмӯае ба назари мо нарасид.

Назар ба маълумоти «Тазкиратул-шуаро»-и Озар-бойҷон (нашри с. 1913 милодӣ) Камина, зиёда аз чаҳорсад фард шеърҳои хеле ҳассосона навиш-таast. Аз он ҷумла он чӣ ба назар омад, мо дар ин маҷмӯа дарҷ намудем.

### ЭЙ ДӮСТ:

*Дар раҳи ҳаҷри ту, эй дӯст, чунон ношодам,*
*Чун ғубори раҳи ту дода фалак барбодам.*
*Мурғи беболу паре будам дар қайди қазо,*
*Дом густарду*
*гирифт*
*ба ҳиял сайёдам.*
*Оҳуе будам*
*рам карда*
*ба кӯҳи уммед,*
*Ҳайрат орам ба каманди ту, ки чун ёфтодам?!*
*З-оҳи сарди дили хунин натарсӣ сахл аст,*
*З-оташи қаҳри худо тарс,*
*бикун озодам!*
*Талхомам бикунад шӯри ту,*
*чун Ширинӣ!*
*Кӯҳи сабре ба мижа бар канам, а-р. Фарҳодам!*
*Дар ҳама умр чу паргор ба ғам гардидам,*
*Ваҳ-ваҳ аз гардиши чархи фалақи устодам.*
*Рӯ Камина накунад ғайри ту бар кас, алҳол.*
*Эй худо,*
*дасти маро гир!*
*Зи по афтодам!*

### ЭЙ САРВИ РАВОН:

*То кай, эй сарви равон бе ту ба рафтор оям;*
*Карда ёди лаби нӯши ту ба гуфтор оям;*
*Гар мисоли қади ту сарв бирӯяд дар боғ,*
*Сар қадам созаму он ҷо паи дидор оям;*
*Гар фурӯшанд ба бозор туро Юсуфвор,*
*Чун Зулайхо дилу дин дода, харидор оям;*
*Агар аз ҳотифи мисрӣ шунавам «Ё, башаро!»,*
*Колаи хеш ба каф, бар сари бозор оям;*
*«Азали!» – гуфта, ба уммеди лиқои рухи дӯст,*
*«Лантаронӣ!» – шунавам, бо дили афгор оям!*

*Карда паймонаи чашми ту чунон маҳмурам*
*В-ин аҷаб, бин, ба ҳузури ту, ки ҳушёр оям?!*
*Кас набошад, ки дар айёми ғамат гӯяд: «Ҳон!*
*Эй Камина!*
*Ба ҳақи аҳди ту!*
*Ғамхор оям!»*

Мирзо-Фотима ба яке аз шоирони сарҳалқаи шаҳри Шӯшӣ (вилояти овақтаи Қаробоғ), ки номаш Мир-Мӯҳсин, номи падараш Ҳоҷӣ-Мир-Аҳмад ва тахаллусаш Наввоб будааст, дилбастагӣ дошта, ду шеъреро, ки дар зайл намуна меоварем, ба хотири Мир-Мӯҳсин «Наввоб» навишта ва шои-рони бозаковатеро, ки дар доираи адабии Наввоб будаанд, ёдоварӣ кардааст.

## ШЕЪРИ ЯКӮМ

*Аз ҳаҷри рӯят шӯхи дилором,*
*Дил гашта доим дар шӯру ғавғо,*
*Ин дард дилро кардаст расво,*
*Натвонам, охир, кардан мадоро!*
*То чанд гӯям аз васфи рӯят*
*В-аз чини зулфат*
*в-аз ҷаъди мӯят*
*В-аз қадди сарву аз рангу бӯят*
*В-ас ғунчаи лаб,*
*нутки Масиҳо?!*

* * *

*Ин дарди дилро бо кас нагӯям,*
*Ҷуз рохи ишқат роҳе напӯям*
*Ё аз табибон дармон наҷӯям,*
*Бо дарди ишқат хӯ карда аъзо.*

* * *

*Аз ҳаҷри Юсуф,*
*– Яъқубу Канъон*
*– «В-абазта айноҳ» – гашта намоён.*
*Гар ҳаст маскун Юсуф ба зиндон,*
*Аз кайд нодим гашта Зулайхо!*

* * *

*Эй бод, бигзар бар зулфи мушкин*
*Бир (а) бой фаврӣ аз чини он Чин*
*Бӯе бубахшо,*
*бо расму ойин*
*Пур рангу бӯ кун мушки Хутанро.*

* * *

*Ман дарс хонам дар мактаби ишқ,*
*То ақл аз ишқ чун гашта муншаққ*
*Илми муаммо хоҳад кунад машқ!*
*Он ғунчайи лаб гӯяд, ки: «ло! ло!»*

* * *

*Моҳе чу рӯят оё кӣ дида?*
*Ё гул чӯ рӯят дасти кӣ чида?*
*Монанди рӯят не офарида,*
*– Дар ҳусн ту ҳур;*
*дар қад чу тӯбо!*

* * *

*Наввоби воҳиб бар мост устод!*

*Наврас зи Бокӣ ҳар дар кунад ёд;*
*Обис бимонад дар даҳр дилшод!*
*З-эшон чи гӯяд Камина,*
*ҳошо!*

## ШЕЪРИ ДУЙӮМ

*Эй мушаъбад дили ҳамешабаҳор,*
*То ба кай дар саманди ишқ савор*
*Меравӣ ҳар тараф мисоли хумор?!*
*Мадҳи симин-бутони лолаузор*
*Вирд кун ҳар замон ба лайлу наҳор!*
*Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр!*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!*

* * *

*Соқиё, эй шафеи рӯзи ҷазо,*
*Эй фидои ту ҷумла шоҳу гадо!*
*Ба ризои худои беҳамто,*
*Аз ҳақиқат дарё ба рух бикушо,*
*То бигӯянд ҷумлаи аъзо:*
*«Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр,*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!»*

* * *

*Зоҳидон худписанду худкоранд,*
*Ҳар замон тухми хила мекоранд,*
*Ҷумла аз якдигар табаҳкоранд,*
*Ҳар замон бидъате ҳамеоранд,*
*Нарм, пурзаҳр, андарун – моранд.*
*Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр,*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!*

* * *

*То ба кай, эй дили ҳуҷиста-фиол,*
*Мезанӣ дам зи амрҳои маҳол?!*
*Гоҳе дар баҳс,*
*гоҳе истидлол,*
*Гаҳ зи Исфандиёру Рустаму Зол? –*
*Тани эшон шудааст хоки сафол!*
*Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр,*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!*

* * *

*Хон-Қаробоғии ҳуҷиста-фиол,*
*Обисту Бокии рамида-ғизол,*
*Наврасу Шокии ҳамида-хисол...*
*Шаккарин аст ҷумларо ақвол!*
*Зикрашон бод шоеи маҳу сол!*
*Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр,*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!*

* * *

*Ҳаст Наввоб ашрафул-содот,*
*Ҷумлагӣ ҳамраҳонш пок-сифот!*
*Шуд аён аз Камина ин нағамот,*
*Ташнагонро бувад чу оби ҳаёт.*
*Зикрам ин аст дар ҷамеи ҷиҳот:*
*– Нест дар хонаи дилам ҷуз ёр,*
*Лайса фӣ-ддор, ғайруҳу дайёр!*

Камина, ки дар ин ду шеър (яке бо шакли чор-гона ва дигаре бо шакли ҳафтгона навишта шудааст) доираи адабии Наввобро барои хотира ёдоварӣ мекунад, дар навиштани шеърҳои сод-да ва равон низ лаёқатнок буд. Дар ин ду шеър вай ба шоир Наввоб дилбастагии худро изҳор намуда, дар баробари ҳамин ба сарҳалқаи шои-рон будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Дар бораи шоирони «Ҳайъати наввобӣ», ки Камина чанд нафареро аз онҳо ном бурдааст, мехоҳем, баъзе истифсороти мухтасари таърихӣ диҳем.

1. Шоир Обис (ё Обиш): Абдулло-Бек бинни Мағфират, аз шаҳри Шушии Қаробоғ аст. Ӯро «Абдулло Гулузор» низ номидаанд.

2. Бокӣ – Айюб бинни Ҳоҷӣ-Содиқ аз аҳли ҳа-мон шаҳр ва вилоят аст, ки шоир Обис онҷоист.

3. Наврас (Мирзо-Алӣ Аскар бинни Ободдин-Бек) низ ҳамшаҳрии Бокӣ мебошад. Ӯ саводи туркӣ, форсӣ ва русӣ дошта, ба забонҳои туркӣ ва форсӣ шеър мегуфтааст.

4. Шокӣ – Мулло-Халлил бинни Мулло-Ҳу-сайн. аз қишлоқи Абдоли Қаробоғ. Ӯ марди хеле хушхулқ, босавод ва некхоҳи аҳли адаб буда, забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркиро хуб медониста ва ба забони форсӣ тоҷикӣ шеърҳои бисёре навиштааст.

Камина, аз ин ҷиҳат ҳам барои адабиёти хал-қи тоҷик аҳамият дорад, ки халқи тоҷик ва Озар-бойҷони бародарӣ, аз ҷиҳати муносибатҳои адабӣ таърихи дӯстонаи боҳам наздик доранд. Забони ҳамаи шоир ва шоираҳои замонҳои гузашта ва ҳозираи Озарбойҷон ва Тоҷикистон, услуб ва тарзи тасвири эҷодиёти онҳо, барои хамаи аҳли адабиёти ин ду халқ фаҳмо буданд ва мебошанд. Ҳатто баъд аз гузаштани асрҳо, он шеърҳое, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ, аз шоираҳои Озарбойҷон, дар саҳифаҳои китобҳои таърихӣ мондаанд, барои халқи тоҷик нофаҳм ва ё бегона нестанд.

Хусусан дар замони ҳозира, дар асоси дӯстии халқҳо дар замони нав, муносибати илмӣ ва адабии ин ду халқ торафт ривоҷ меёбад ва наздик мешавад, дар бораи Камина сухан рондани мо, шоҳиди боз ҳам бештар эҳтироми мо ба хамдигар хоҳад буд.

## ШОИРА ТОҲИРА

Дар бораи ин шоира чунин нақле ҳаст, ки мегӯянд, вай аз наздикиҳои Насаф (Қаршии ҳозира) будааст. Тоҳира зани хеле босавод буда, лиҳозо бо муаллимагӣ машғул гардидааст. Вай чандгоҳ ба Бухоро ва Фарғона сафар кар-да, дар охир ба Тирмиз сукунати доимӣ ихтиёр менамояд. Мегӯянд вай ҳамчун фозила, донишдӯст ва сӯҳбатоаро дар байни аҳолӣ ҳурмат доштааст. Афсӯс, ки соли таваллуд ва вафоташ, аз кадом деҳа буданаш ва аз шеърҳои дигараш маълумоте нест.

Худи ҳамин як шеър, ки аз ин шоира баназар расид ва мо онро дар ин боб дарҷ намудем, шоҳиди он аст, ки вай дар назм комила ва фасеҳзабон буда, ба дараҷаи устодӣ расидааст.

### РӮ БА РӮ

*Гар ба ту афтадам назар чеҳра ба чеҳра*
*рӯ ба рӯ,*
*Шарҳ диҳам гами туро нукта ба нукта,*
*мӯ ба мӯ.*
*Дар паи дидани рухат ҳамчу сабо*
*фитодаам,*
*Хона ба хона, дар ба дар, кӯча ба кӯча,*
*кӯ ба кӯ.*
*Меравад аз фироқи ту хуни дил аз ду*
*дидаам,*
*Даҷла ба даҷла, ям ба ям, чашма ба чашма,*
*ҷӯ ба ҷӯ.*
*Меҳри туро дили ҳазин бофта дар*
*қумоши ҷон.*
*Ришта ба ришта, нах ба нах, тор ба тор,*
*пу ба пу.*
*Даври даҳони танги ту, орази анбарин,*
*хатат*
*Ғунча ба гунча, гул ба гул, лола ба лола,*
*бӯ ба бӯ*
*Бо дили хеш Тоҳира, гашт надида,*
*ҷуз туро,*
*Сафҳа ба сафҳа, ло било, парда ба парда,*
*тӯ ба тӯ.*

## ЛУҒАТ

1. *Карона* – канор, ҳад.
2. *Мустаманд* – нотавон, ғамзада.
3. *Ангоридан* – тасаввур кардан, фаҳмидан, дарк намудан.
4. *Тавсан* – асп (тавсанӣ – маҷозан саркашӣ).
5. *Сим* – нуқра.
6. *Озар* – оташ, шаъшаа.
7. *Монӣ* – номи рассоми машҳури қадимии Шарқ. Сеҳри Мони ба маънои – санъати қа-лами Монӣ.
8. *Шаҷар* – дарахт, нахл.
9. *Сабӯҳӣ* – шароби субҳгоҳон менӯшидагӣ, шароб; шароби хуморшикан.
10. *Ғаммоз* – нотавонбин, фитнаангез; ҳасадбар.
11. *Арӯси боғ* – маҷозан гул.
12. *Аржанг* – нигорхона; нигорхонаи рассомӣ; нигористон; нигористони рассом Монӣ.
13. *Тиббит* – вилояте дар самти ҷанубу ғарби Хитой.
14. *Сиришк* – ашк; «Маъво гирифт» – манзил гирифт, ҷо гирифт.
15. *Дунё гирифт* – ба маънои «ба зару моли дунё ҳорис шуд» мебошад.
16. *Кисро* – шоҳ; унвони фахрии шаҳаншоҳии сосониён; Хисрав. Лақаби Нуширавон (Ануширвон).
17. *Рӯҳбон* – обиди таркидунёкарда.
18. *Дини тарсо* – дини бутпарастон; дини исавӣ; умуман дини христианӣ.
19. *Чархи ситамгор* – маҷозан «фалаки ситам-гор».
20. *Руд* – номи яке аз асбобҳои торноки мусиқӣ.
21. *Дабира* – котиба, мирзои муншӣ; адибаи муқарраб.
22. *Санҷар* – яке аз шоҳони сулолаи салҷуқиён (1118-1157 милодӣ).
23. *Замин симин кард* – яъне, заминро бо барфи нуқраранг пӯшонд.
24. *Сит (т)-ӣ* – зан, хонум.
25. *Ҷурм* – гуноҳ, айб.
26. *Зиндагӣ аз сар гирад* – яъне аз нав зинда шавад.
27. *Зарқ* – фиреб; кина; риё (корӣ); баҳона.
28. *Сунбули ту* – яъне мӯи ту; «ғолиясой» – мушку анбарсой.
29. *Нофа* – нофи оҳуи мушкин.
30. *Ҳур* – офтоб.
31. *Наргис* – мурод аз наргис, ин ҷо чашми маъ-шуқа аст ва мурод аз «тоза-бӯстон» – худи маъ-шуқа мебошад.
32. *Ғизолаҳо* – оҳубараҳо.
33. *Як раҳ* – ба маънои якбора.
34. *Мусаввир* – рассом, тасвиркунанда.
35. *Сарви симинтан* – яъне қади маъшуқаи нозанин.
36. *Шеван* – нола, оҳу фиғон; гиря аз таъсири норозигӣ.
37. *Пири хирад* – маҷозан «пири ақл», яъне ақли комил
38. *Ҷуръа* – ҷом, қадаҳ.
39. *Ло-яъқал* – масту мадҳуш.
40. *Шомил* – фарогиранда.
41. *Мустаъҷил* – шитобкунанда, тез тайша-ван-да.
42. *Мурғи рӯҳ* – «ҷон» дар ҷасад; ҷони «ориятӣ».
43. *Шабоҳангӣ* – сафар дар шабонгоҳон; парвоз карда рафтан; дар фасли шаб қасде ё нияте ба коре кардан ва ҳоказо.
44. *Зуннор* – тавқи динӣ; тавқи бандагӣ; маҷозан (дар ашъори қадим) ба маънои «тавқи муҳаббати маъшуқа» низ омадааст, дар сурате ки маъшуқа аз дини дигар бошад.
45. *Дилшуда* – ошиқ.
46. *Ҷарас* – садои зангула.
47. *Қофилаи Ҳиҷоз* – ҳайати сафаркунандагон ба сӯи Ҳиҷоз.
    *Ҳиҷоз* – доираи яке аз музофоти Арабистон аст, ки дар он Макка ва Мадина воқеъ гарди-даast.
48. *Тақвият* – тасдиқ ва тарафдорӣ; «Табъи сухан-тироз» – табъи зинатдиҳандаи сухан.
49. *Барҳман (бараҳман)* – гурӯҳи алоҳидаи Буддопараст, дар Ҳиндустон.
50. *Чархи ҷафопеша* – киноятан «фалаки ҷафо-пеша» мебошад.
51. *Ин «кажниҳодам»* – яъне ин кажниҳод маро...
52. *Мағелон* – хори мағелон: хори ҷангалии домангир; хори доманчаспак.
53. *Тангнои сина* – мағзи сина, мағзи дил; «азҳон» – ҷамъ аз калимаи зеҳн.
54. *Дунҳимматӣ* – пастҳимматӣ.
55. *Пайкон* – тир, тири камон.
56. *Яъс* – ноумедӣ, маъюсӣ.
57. *Неру* – қувват, иқтидор, тавоноӣ.
58. *Сабӯҳ* – шароби хуморшикани субҳӣ.
59. *Равон* – ҷон, рӯҳ.

60. *Андалеб* – булбул, «андалебон» – булбулон.
61. *Фурӯг* – равшанӣ, тулӯъ, шиоъ.
62. *Бода* – май, шарою; «майхорагон» – майнӯшон.
63. *Турфатул-айн* – як лаҳза, як мичаҳ задан; фур-сати кӯтоҳе.
64. *Сало* – даъват, нидо, хитоб, мурочиат.
65. *Ақсо (ақсоъ)* – доираи мамлакатҳо ё мамла-кати алоҳида; доира ё сарҳадди мамлакате; ҳадд, сарҳадд; «афвоҳ» – ғулғула, овоза; забон-зад ба мардумони мамлакате ва ҳоказо.
66. *Пон* – меваест сершахд дар Ҳиндустон. сурхранг, тахминан монанди дӯлона.
67. *Миқнаа* – либоси сарикитфии занона.
68. *Эй сарви сиҳӣ* – яъне эй нозанини хушқаду қомат!
69. *Чашмаи нӯш* – яъне лаби маъшуқа.
70. *Мустадам* – доимӣ.
71. *Анқо* – уқобест афсонавӣ.
72. *Ушшоқ* – аҳли ишқу муҳаббат; аҳли созу тараб.
73. *Бошикеб* – босабру қарор, тобу тоқатовар.
74. *Гуй* – ҳаппак, тӯби бозӣ.
75. *Саҳбо* – шароби сурх.
76. *Паймона* – ҷом.
77. *Маҳфил* – маҷлис, ҳалқаи маҷлисиён.
78. *Сар-сар (боди сарсар)* – шамоли ногаҳонии ғайримунтазира; шамоли офатнок; тундбод.
79. *Фитрок* – каманди саридастие, ки сайёдони савора, бар сараки зани асп ҳамоил доранд, бо он ба сайд бароянд; яккаҷилави асп; чил-бур, таноб.
80. *Ҳуҷисталиқо* – яъне муборакбашара, рухсора соҳибҷамол ва пурфайз.
81. *Нодира* – ягона, бемисол.
82. *Ирсол* – фиристодани хату хабар.
83. *Тааммул* – андешаю мулоҳиза; худидоракунии оқилона.
84. *Лаби нӯш* – лаби гӯшин, лаби ширини боби макидан ё бӯса.
85. *Ҳотиф* – мунодӣ, ҷарчӣ; садои ғайбидиҳанда; «кӣ зиёд!» – гӯянда, «Ё, башаро!» – Эй одамӣ!; Эй халқ!.
86. *Азалӣ!* – аввалӣ, ибтидоӣ, абадӣ.
87. *Лантаронӣ!* – На ҳаргиз!; Маро нахоҳӣ дид!; Орзуи дидорбинӣ макун!
88. *Махмур* – хуморгирифта.
89. *Ҳон!* – аломати хитоб: эй! Ой!
90. *«В-абязта айҳон»* – ду тобиши нур аз як мар-каз; ду дурахшонии ҳаммарказ; ду ҷамоли ба ҳам монанд.
91. *Муншақҝ* – ба ду қисм тақсимшуда, шақшуда, дубӯлакшуда.
92. *Ло! Ло!* – не, не! На ҳаргиз
93. *Наввоб* – ба маънои соҳиб, дар Ҳиндустон; Воҳиб – соҳиб-эҳсон.
94. *Обис* – ҷиддӣ, ношод, ғамзада (тахаллуси шоир).
95. *Мушаъбад* – найрангсоз.
96. *Вирд кун!* – аз ёд кун, такрор кун! «Лайлу наҳор» – шабу рӯз.
97. *«Лайса фӣ-ддор, гайруҳу дайёр!»* – Дар маконе, ки ҷои туст, ба дигаре ҷо нест!
98. *Хуҷастафиол* – некафъол, шойистакирдор.
99. *Истидлол* – далелу бурҳон.
100. *Ҳамидахисол* – некхислат, баодоб; некуатвор.
101. *Ақвол* – ҷамъ аз «қавл».
102. *Шоеъ* – интишор, фарогирифта.
103. *Шубон* – чӯпон, рамабон.
104. *Афсон* – лаҷом, нӯхта.
105. *Хонаи хуммор* – майкада, майхона.
106. *Доруга* – сардори маҳалла; маҳаллабон.
107. *Ғаромат* – ҷарима, тӯлак, товон.
108. *Нукаш* – нулаш, минқораш; Мунҳанӣ – каҷала, каҷхамида.
109. *Уҷб* – ғурур, худписандӣ, худнамоӣ.
110. *Нузҳатгаҳ* – ҷои айшу хушӣ, ҷои рӯҳафзо, кайфу сафо ва роҳат.
111. *Амд* – қасд, ният, нияти пешакӣ, дидаву дониста.
112. *Мурги калог* – зоғ, зоғи ало.
113. *Даҷла* – номи дарёест, дар Шарқи миёна; дарё.
114. *Сифла* – паст, пасттабиат; бадафъол.
115. *Истеъло* – ҳурмат, эътибор, обрӯ.
116. *Иъроз кардан* – рӯ тофтан, зид баромадан, парҳез намудан; рад кардан.

# РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО


1. В.И. Ленин, асрҳо, ҷалди XXXI, саҳ. 262, нашри IV.
2. Е.Э. Бертельс. «Шеъри форсӣ дар Бухоро».
3. Эдвард Браун, «Таърихи адабиёти Эрон, ҷилди 1-ўм.
4. С. Айнӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик».
5. – «– «Мирзо Абдул-Қодир Бедил».
6. Нашри сериявии «Классикҳои адабиёти тоҷик».
7. Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Тазкиратул-шуаро».
8. Латиф-Али-бек Озарӣ, «Оташкадаи Озар».
9. Тазкираи «Қомӯсул-Эълом».
10. Фаридиддин Аттор, «Илоҳинома» ва «Маснавиёт».
11. Эътимодул-салтана «Хайротул-ҳисон».
12. Тазкираи Муллозодаи Ганҷавӣ.
13. Мюллер, «Таърихи ислом».
14. Мирзо Мӯҳсин Мирзо Иброҳимӣ, «Намунаи адабиёти Эрон».
15. Маҳастӣ, «Чоргоҳи Маҳастӣ».
16. Низомии Ганҷавӣ, «Достони Хисраву Ши-рин».
17. Зебуннисо, «Махфӣ» (Девони ғазалҳо).
18. Н.А. Кисляков, «Эшон – феодали Бухорои Шарқӣ».
19. Фазлии Намагонӣ, «Маҷмӯатул-шуаро».
20. «Таворихи хамсаи шарқӣ».
21. Вамбери «Таърихи Осиёи Миёна ё худ Мова-роуннаҳр».
22. Мулло-Ниёз-Муҳаммад ибни Ашӯр-Муҳаммад, «Таърихи Шоҳрух».
23. «Тазкиратул-шуарои Озарбойҷон», нашри соли 1913.
24. Маҷаллаи «Тоҷмаҳал», нашри Деҳлӣ, шумораи 4, сентябри соли 1944.
25. Маҷаллаи «Тарбият», нашри Теҳрон, шумораи 3, соли 1945.
26. Маҷаллаи «Шарқ», шумораҳои 3 ва 4, соли 1349 ҳиҷрӣ ва шумораи 10, соли 1350 ҳиҷрӣ.
27. Маҷаллаи «Раҳбари дониш», нашри Тошкент, шумораи 4 (6), апрели соли 1929.
28. Маҷаллаи «Дониш ва биниш», шумораи 1, августи соли 1927.
29. «Намунаҳои адабиёти тоҷик», нашри Сталин-обод, соли 1940.
30. «Таърихи адабиёти тоҷик», нашри соли 1955.
31. Антологияи классикии тоҷик», нашри Моск-ва, соли 1946.
32. Маҷаллаи «Армуғон», нашри Тошкент, соли 1943.
33. «Калилаву Димна», чопи Теҳрон.
34. «Таърихи Хавонини Фарғона», чопи Тошкент, соли 1302 ҳиҷрӣ.
35. Баёзи Мулло-Муҳаммад Идрисхоҷа, дастнавис, соли 1325 ҳиҷрӣ.
36. «Таърихи адабиёти ӯзбек», нашри Тошкент.
37. Афзалӣ, «Боғи Ирам ва зикрул-шуаро», наш-ри Тошкент, соли 1336 ҳиҷрӣ.
38. «Таърихи Наршахӣ».
39. «Баёзи Роҷӣ».
40. Ризоуддин бинни Фахриддин «Машҳур хотун-лар», чопи Оренбург, соли 1904 милодӣ.
41. Академик профессор Ян Рыбка, «Таърихи ада-биёти форсу тоҷик», нашри Прага, соли 1956.
42. Девони Нодира, дастнавис.

# М У Н Д А Р И Ҷ А

Суханвари андешапарвар ........................................... 3

**Асри X**

Шоира Робиаи Балхӣ ........................................... 8

**Асри XI**

« Исмати Самарқандӣ ........................................... 16
« Ойишаи Самарқандӣ ........................................... 17

**Асри XII**

« Мӯниса Маҳастии Хуҷандӣ ........................................... 18
« Ситтӣ-хонум ........................................... 43
« Мутрибаи Кошғарӣ ........................................... 45

**Асри XIV**

« Ҷаҳон-хонум ........................................... 46

**Асри XV**

« Меҳрии Ҳиротӣ ........................................... 48

**Асри XVI**

Алибаи деҳлавӣ Комила-бегим ........................................... 53
Шоира Ниҳонӣ ........................................... 55
Мунира духтари Мушфиқӣ ........................................... 57

**Асри XVII**

Шоира Зебуннисо (мутахаллис ба Махфӣ) ........................................... 58
« Зинатуннисо ........................................... 74
« Бузургии Кашмирӣ ........................................... 76
« Нурҷон-бегим ........................................... 79
« Зӯҳро ........................................... 81
« Моҳлиқои Ҳайдарободӣ ........................................... 83
« Лола-хотун ........................................... 84
Иффатии Исфароинӣ ........................................... 87

**Асри XIX**

Шоира Тоҷуддавлат ........................................... 88
« Маҳзуна ........................................... 94
« Нодира ........................................... 99
« Мирзо-Фотима
(мутахаллис ба «Камина») ........................................... 106
Шоира Тоҳира ........................................... 114

***Таджи Усман***

# ДВАДЦАТЬ ТРИ ПОЭТЕССЫ

*(на таджикском языке)*

Технический
редактор ***А. Мирахмадов***
Верстка ***Ф. Рахимов***

Сдано в печать 25.07.2007 г. Разрешено в печать 07.08.2007 г. Формат 70х901/32. Объём 4,0 п.л. Гарнитура Литературная. Бумага офсетная. Печать офсетная. Тираж 1000 экз. Заказ №67/07.

Издательство «ЭЧОД»
734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 36. Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.